ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢВА ЛОИҲАКАШИИ МУАССИСАВӢ

## Барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ



МОДУЛИ

7

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 7

## МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ВА ЛОИҲАКАШИИ МУАССИСАВӢ

**Модули таълимӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Муҳиддинзода, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Модули мазкур дар асоси принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия шуда, сиёсати давлатии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, роҳҳои идоракунии захираҳо ва усулҳои банақшагирии молиявиро фаро мегирад. Ҳангоми омӯзиши модул иштирокчиён бо қонунгузории соҳа, таҷрибаи миллию байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба маблағгузории муассисаҳо шинос мешаванд. Мақсади омӯзиш таъмини самаранокии истифодаи буҷет, такмил додани назорат ва тартиби ҳисоботдиҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шумор меравад. Истифодаи самараноки маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ) имконият медиҳад, ки муассисаи таълимӣ лоиҳа ва ташаббусҳои инноватсиониро амалӣ созад.

**Мундарича**

Пешгуфтор .......................................................................................................... 4

1. Низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................... 5
2. Сарчашма ва усулҳои маблағгузории муассисаҳои таълимӣ .................................. 16
3. Формулаи ҳисобкунии буҷаи муассиса ва татбиқи коэффитсиентҳои махсус ......... 25
4. Тартиби ягонаи сметаи даромад ва хароҷоти муассиса, банақшагирии сметаи хароҷот .......................................................................................................... 37
5. Асосҳои муайян кардани музди меҳнат дар муасиссаҳои таълимии умумӣ. Пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо ..................................... 46
6. Банақшагирии хароҷоти маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ) ..................................... 58
7. Банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муассисавӣ барои рушди муҳит, фарҳанг ва ҳамкории муассиса .......................................................................................................... 69

Адабиёт ва сарчашмаҳо.......................................................................................................... 77

## ПЕШГУФТОР

Дастуре, ки пешкаши шумо мегардад, қисми маводест, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи «Муҳити таълим - асоси таҳсилот босифат» дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардидааст.

Модули мазкур дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои маблағгузории меъёрии муассисаҳои таълимӣ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Мақсади асосии модул такмили маҳорати касбии директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба банақшагирии молиявӣ, санҷиш, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва захираҳои моддӣ мебошад.

Модул аз қисматҳои асосии зерин иборат мебошад:

1. Шинос намудани шунавандагон бо самтҳои асосии ислоҳоти маблағгузорӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва асноди меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, ки ҷараёни мазкурро танзим менамоянд.
2. Пешниҳод намудани иттилооти илмию амалӣ оид ба мундариҷаи ислоҳоти маблағгузорӣ ва роҳҳои нави менеҷменти молиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва сиёсати ҳукумати кишвар оид ба маблағгузории сарикасӣ.
3. Инкишоф додани малака ва маҳоратҳои идоракунии захираҳои молиявӣ бо мақсади дуруст истифода намудани маблағҳои буҷет ва сметаи ягонаи даромаду хараҷот.
4. Пешниҳоди маълумот оид ба усулҳои замонавии таҳияи буҷети муасссиа дар асоси меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ, ташаккули малакаҳои амалии таҳияи сметаи ягонаи даромаду хараҷот ва асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

Шунавандагони курс дар ҷараёни омӯзиш бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои маориф ва молияи давлатӣ огоҳ гардида, механизми идоракунии захираҳои моддию молиявии муассисаҳои таҳсилоти умумиро меомӯзанд. Қоидаҳои банақшагирии молиявӣ, сарфи маблағҳо, тартиби тақсими захираҳои молиявӣ ва талаботи қонунгузории кишварро нисбати маблағгузории муассисаҳои таълимӣ омӯхта, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии худ амалӣ мекунанд. Бо дарёфти маблағҳои иловагӣ ва идораи самараноки он шинос гардида, роҳҳои истифодаи самарноки онро бо мақсади такмили сифати таҳсилот ва муҳити таълим истифода мебаранд.

Мундариҷаи дастур бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои кормандони ташкилоту муассисаҳои номбаршуда, директорони як қатор муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мутахассисони раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, таҳия ва такмил дода шудааст.

# МАВЗУИ 1

## Низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Асосҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маблағгузории маориф (қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳо).
- Моделҳои маблағгузорӣ: меъёрӣ, мақсаднок, омехта.
- Манбаъҳои маблағгузорӣ: буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ, грантҳо, сарпарастӣ.
- Сохтори сметаи муассиса: даромад ва хароҷот, моддаҳои хароҷот.
- Санадҳои қонунгузорӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», консепсияҳо, низомномаҳо ва ғайра.

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлили эҳтиёҷоти буҷетии муассисаи таълимӣ.
- Тартиб додани сметаи даромад ва хароҷот.
- Банақшагирии молиявӣ бо дарназардошти афзалиятҳо.
- Назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо.
- Истифодаи воситаҳои мониторинг ва ҳисоботдиҳии молиявӣ.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

1. Кадом имкониятҳоро маблағгузории меъёрӣ барои муассисаҳо фароҳам меорад?
2. Кадом воситаҳои мониторинги самаранокии молиявӣ барои директорон дастрасанд?
3. Чӣ гуна метавон захираҳои ғайрибуҷетиро самаранок барои рушди муассисаи таълимӣ истифода бурд?
4. Барои тартиб ва ҳимояи сметаи муассисаи таълимӣ чӣ гуна талабот гузошта мешаванд?
5. Роҳбар бояд кадом салоҳиятҳо дошта бошад, то идоракунии молиявиро босифат анҷом диҳад??

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед:

1. Принсипҳои сиёсати давлатӣ ва заминаи меъёрие, ки маблағгузории муассисаҳои таълимиро танзим мекунад.
2. Малакаҳои амалӣ дар таҳияи смета, банақшагирии молиявӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳиро аз худ кунед.
3. Салоҳиятҳои ҷалби захираҳои ғайрибуҷетӣ ва татбиқи ташаббусҳои лоиҳавиро рушд диҳед.
4. Дар идоракунии молияи муассисаи таълимӣ масъулият ва тафаккури стратегиро рушд диҳед.

## Муқаддима

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди соҳаи маориф ташкили самараноки таъминоти молиявии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар таъмини дастрасӣ, сифат ва устувории раванди таълимӣ нақши калидӣ мебозад. Системаи маблағгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати давлатии соҳаи маориф ташаккул меёбад, ки онро қонуну стратегияҳо ва консепсияҳое танзим мекунанд, ки афзалиятҳоро дар рушди иқтидори инсонӣ инъикос менамоянд.

Мавзуи мазкур ба омӯзиши принсипҳои маблағгузории меъёрӣ ва мақсаднок, сохтори манбаъҳои даромад, механизмҳои тақсими маблағҳо, инчунин хусусиятҳои идоракунии захираҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар муассисаҳои таълимӣ равона шудааст. Он ба иштирокчиёни курс имкон медиҳад, ки василаҳои молиявиро, ки ба рушди муҳити таълим таъсир мерасонанд, амиқтар дарк намуда, таҷрибаи истифодаи шаффофу оқилонаи захираҳоро барои рушди устувори муассисаҳои таълимӣ аз худ кунанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Системаи маблағгузорӣ** — маҷмуи механизмҳо, меъёрҳо ва манбаъҳое мебошад, ки муассисаҳои таълимиро бо захираҳои зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ таъмин менамояд.

**Маблағгузории меъёрӣ** — усули тақсими маблағҳои буҷетӣ тибқи меъёрҳои муқарраршуда, масалан, барои як хонанда, як воҳиди корманди омӯзгорӣ ё як барномаи таълимӣ.

**Маблағҳои буҷетӣ** — захираҳои давлатие, ки ба муассисаҳои таълимӣ тавассути буҷетҳои миллӣ ва маҳаллӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ҷудо карда мешаванд.

**Маблағҳои ғайрибуҷетӣ** — маблағҳое, ки муассисаи таълимӣ аз манбаъҳои иловагӣ ба даст меорад, аз ҷумла грантҳо, хайрияҳо, кумакҳои сарпарастон ва хизматрасониҳои пулакӣ ба он шомил мешаванд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Шарҳ додани принсипҳои** маблағгузории меъёрӣ ва мақсаднок, сохтори манбаъҳои даромад, хусусиятҳои таҳия ва истифодаи муассисавӣ, инчунин нақши мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар таъмини устувории молиявии муассиса.
2. **Шинохтани механизмҳои** амалкунандаи маблағгузорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, моддаҳои даромад ва хароҷот дар смета, инчунин имкониятҳои ҷалби захираҳои ғайрибуҷетӣ ва грантҳо барои ҳадафҳои таълимӣ.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Супориши 1. Мафҳумҳои калидиеро, ки аллакай ба шумо шиносанд ҷудо намоед:

- Маблағҳои буҷетӣ
- Захираҳои ғайрибуҷетӣ
- Сметаи даромад ва хароҷот
- Грантҳо ва кумакҳои сарпарастон
- Ҳисоботдиҳии молиявӣ
- Меъёрҳои маблағгузорӣ

Супориши 2. Ба саволҳо бо як ҷумла ҷавоб нависед:

- Ба андешаи шумо, душвориҳои идоракунии захираҳои молиявии муассиса дар чӣ ифода меёбанд?
- Кадом мавзуъҳоро оид ба маблағгузорӣ мехоҳед амиқтар омӯзед?

Супориши 3. **Изҳоротҳоро муқоиса ва ба воқеият наздиктарро интихоб намоед:**

1. Маблағгузории муассисаҳо дар Тоҷикистон танҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ мешавад. А) Дуруст ______________________________ В) Нодуруст ______________________________
2. Маблағгузории меъёрӣ маънои онро дорад, ки ҳар як муассиса новобаста аз шумораи хонандагон маблағи яхкела мегирад. А) Дуруст ____________________ В) Нодуруст ____________________



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 7.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи 7.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.1**

## 1. НИЗОМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти асосӣ, таҳсилоти касбии ибтидоӣ, таҳсилоти касбии миёна ва таҳсилоти касбии олӣ дар маҷмуъ, ҳамчун системаи ягонаи таҳсилоти бардавом мебошанд.

### Таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимӣ

Таҳсилоти умумӣ тавассути муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, мактабҳои (синфҳои) камнуфус ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар се зина: ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ амалӣ мегардад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муассисаи таълимӣ ҳамчун ташкилоти таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ раванди муттасили таълиму тарбияро ба роҳ монда, як ё якчанд барномаҳои таълимиро амалӣ мегардонад.

Агар муассиси муассисаи соҳаи таълимӣ идораи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё идораи маориф дар маҳалҳо бошад, он муассисаи давлатии таълимӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузорӣ ва муасиссаи буҷавӣ ҳисобида мешавад.

### Муассисаҳои буҷетӣ

**Муассисаҳои буҷетӣ** – муассисаест, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ мегузарад ва беш аз 70 дарсади фаъолияташ аз буҷети давлатӣ ё захираҳои мақсадноки давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. **Манбаи асосии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ буҷети давлатӣ ба ҳисоб рафта**, маблағи ғайрибуҷетӣ нақши ёридиҳанда дорад.

**Афзоиши маблағгузории соҳаи маориф**

| Сол | Хароҷоти давлатӣ барои соҳаи маориф | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
|---|---|---|
| 2000 | 42 миллион сомонӣ | |
| 2005 | 253 имиллион сомонӣ | |
| 2010 | 1 миллиард сомонӣ | 3 фоизи ММД |
| 2015 | 2, 5 миллиард сомонӣ | |
| 2020 | 5,5 миллиард сомонӣ | |
| 2024 | 8 миллиарду 2231 миллион сомонӣ | 5,7 фоизи ММД |
| 2025 | 10 миллиарду 909 миллиону 496 ҳазор сомонӣ | 6,6 фоизи ММД |

Аз маблағҳои умумии хароҷоти буҷети давлатӣ, ки ба соҳаи маориф ҷудо мешаванд, беш аз **73 фоизашон** барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сарф карда мешаванд ва 18,9 фоизи хароҷоти умумии буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

**Давраҳои таҳия ва тасдиқи буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

- Ҳар як муассисаи таълимӣ лоиҳаи буҷети худро ҳисобу китоб намуда, онро барои баррасии минбаъда ба шуъбаи молияи ноҳия/шаҳр, ҳамчунин ба шуъбаи маориф пешниҳод менамояд.
- Шуъбаи маориф лоиҳаи буҷети муассисаҳоро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, онро ба шуъбаи молияи ноҳия пешниҳод менамояд. Дар баробари ин, шуъбаи маориф ҳуқуқи вайрон кардани дастур ва шакли маблағгузории сарикасиро надорад.
- Сипас, шуъбаи молия буҷети ҳамаи бахшҳои шаҳру ноҳияҳоро ҷамъбаст намуда, онро ба сохторҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунад.
- Баъд аз тасдиқи буҷети ноҳияву шаҳрҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ, муассиса маблағи умумии буҷети барояш ҷудо кардашударо пурра дастрас менамояд.



Вазорати молия лоиҳаи буҷети давлатиро тартиб дода, ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод мекунад ва баъди он барои муҳокима ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Маҷлиси Олӣ буҷети давлатиро барои соли молиявии пешомад то охири сол тасдиқ менамояд

**Маъмурон ва гирандагони маблағи буҷетӣ**

Муассисаҳои аз ҳисоби буҷет маблағгузоришуда, гирандагони маблағҳои буҷетӣ ва муассисони онҳо бошанд дар шахси мақомоти идоракунӣ маъмурони асосии маблағҳои буҷетӣ ба ҳисоб мераванд.

**Хусусиятҳои молиявии муассисаҳои таълимӣ**

Муассисае, ки тариқи буҷет маблағгузорӣ карда мешавад бо буҷет робитаи зич дорад, зеро ҳар тағйироте, ки дар буҷет мешавад пеш аз ҳама дар маблағҳои муассисаҳо инъикос меёбад (ё кам мешавад, ё меафзояд).

Муассисаи таълимӣ метавонад қисми даромадҳои худро аз ҳисоби маблағҳои аз корҳои мустақилона ба даст омада, хизматрасонии муайяни пулакӣ ташкил намояд. Бо сабаби он, ки муассисаҳои таълимӣ асосан дар маблағгузории буҷетӣ қарор доранд, аз тарафи давлат барои сарфаю хароҷоти дурусти маблағҳои муасиссаҳои буҷетӣ назорати ҷиддӣ бурда мешавад.

**Муассисаи таълимӣ уҳдадор аст:**

1. Дархостномаи буҷетӣ ё худ дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқӣ барои дастрас намудани маблағҳои буҷетиро сари вақт супорад.
2. Маблағҳои буҷетиро самаранок истифода барад.
3. Маблағҳои буҷетӣ дар асоси баргардондан гирифташударо дар муҳлати муқарраршуда ва дар ҳаҷми пурраaш супорад.
4. Ҳисобот оид ба истифодаи маблағҳои буҷетиро сари вақт пешниҳод намояд.

## САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Буҷети давлатӣ- манбаи асосии маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Ҳар **гуна тағйирот дар низоми буҷетӣ ва равиши буҷетӣ бевосита дар маблағгузории таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои алоҳида инъикос меёбад.**

**Самтҳои асосии ислоҳоти маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

- Васеъшавии имкониятҳои банақшагирии буҷет бо мақсади таъмини устувори маблағгузорӣ (таҷрибакунии Барномаи давлатии хароҷоти миёнамуҳлат-БМХД).
- Ба роҳ мондани маблағгузории мақсаднок ба натиҷаи ниҳоӣ (татбиқи амалии маблағгузории сарикасӣ).
- Таъмини маблағгузории бисёршабака (маблағгузорӣ аз манбаъҳои гуногун).
- Таъмини маблағгузории бисёрзинагӣ (маблағгузорӣ аз зинаҳои гуногуни низоми буҷетӣ).
- Баланд бардоштани истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ (вусъат додани мустақилияти муассиса дар ихтиёрдорию истифодаи захираҳо).
- Таъмини шаффофияти равиши маблағгузорӣ (ҷалби аҳли ҷомеа дар коркарди буҷет ва истифодаи маблағҳои он).

**Гузаштан ба нақшагирии миёнамуҳлат**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2006 татбиқи амалии барномаи давлатии хароҷоти миёнамуҳлат (БМХД) дар асоси пилотӣ (таҷрибавӣ) оғоз шуда, ба сифати озмоиш (таҷрибавӣ) соҳаи маориф интихоб гардидааст.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор шудааст, ки дар давраи миёнамуҳлат, буҷети соҳаро бо назардошти бартариҳои дар ҳуҷҷатҳои муҳимми инкишофи соҳа сабтшуда, омода намояд.

**Мақсади гузариш ба БМХД**

- Ба чунин сохти хароҷоти давлатӣ ноил шудан ин аст, ки ҳадалимкон ба пешрафти назаррас ва дарозмуҳлати мамлакат мувофиқат намуда, ягонагӣ ва ҳақиқатнигаронаи барномаи давлатӣ таъмин карда шавад.
- Таъмин кардани асоснокии дараҷаи ҳарҷи давлатӣ бо афзудан ё кам шудани захираҳои умумӣ дар нақшаи миёнамуҳлат.
- Дар нақшаи миёнамуҳлат аз ҷиҳати миқдор муқаррар намудани хароҷоти давлатӣ, ки ба вазоратҳои соҳавӣ барои ислоҳоти мақсаднок кумаки бештар расонида метавонад.
- Содатар кардани тартиби таҳияи буҷети солонаи давлатӣ.
- Таъмин кардани самаранокиии хароҷоти давлатӣ.

**Татбиқи маблағгузории сарикасӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 шуруъ карда, шакли нави идоракунӣ ва маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ -маблағгузории сарикасӣ дар асоси озмоиш ҷорӣ гардид.

Аз соли 2011 ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пурра бо усули сарикасӣ маблағгузорӣ мешаванд.

Имрӯз бартарии шакли маблағгузории сарикасӣ, ки принсипи асосии он «маблағ аз паси хонанда мебошад, аз тарафи умум эътироф гардидааст.

**Замимаи 1. Манбаи қонунӣ ва меъёрии ҳуқуқии низоми маблағгузории соҳаи маориф**

| т/р | Ҳуҷҷат | Мундариҷаи асосӣ |
|---|---|---|
| 1 | Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таълими ройгони таҳсилоти асосиро дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ кафолат медиҳад |
| 2 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | Инкишофи асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии таҳсилотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, сохтори низоми маориф, роҳҳои танзими он, идоракунӣ, ваколат ва самтҳои фаъолияти идораҳои онро муқаррар мекунад. |
| 3 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молия» | Асосҳои ҳуқуқӣ, роҳҳои ташкили идоракунии молияи давлатӣ, ба низом дарории буҷет ва таснифоти он, ташкилкунӣ, ташаккул, тақсимкунӣ ва истифодаи маблағҳои пулии марказонидашударо муайян мекунад. |
| 4 | Қонун дар бораи хазинахона | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии соҳаи хазинаҳоро муқаррар сохта, муносибатҳои дар фаъолияти хазинаҳонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастаро мураттаб месозад. |
| 5 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» | Ҳар сол барои баҳисобгирии маблағгузории ҳамаи соҳаҳои хоҷагии давлат қабул карда шуда, ҳаҷм, роҳҳои иҷро ва механизми ташаккули буҷети давлатии соли дахлдорро муайян менамояд |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. Системаи маблағгузории муассисаҳои таълимӣ дар Тоҷикистон ба усули меъёрӣ асос ёфтааст, ки шумораи хонандагон, воҳидҳои корӣ ва барномаҳои таълимиро ба назар мегирад.
2. Муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҳам манбаъҳои буҷетӣ ва ҳам ғайрибуҷетиро истифода баранд: грантҳо, кумакҳои сарпарастӣ ва хизматрасониҳои пулакӣ.
3. Тартиб ва татбиқи дурусти смета имкон медиҳад, ки рушди муассиса ба нақша гирифта шуда, захираҳо самаранок истифода шаванд.
4. Менеҷменти молиявӣ банақшагирӣ, назорат, ҳисоботдиҳӣ ва ҷустуҷӯи захираҳои иловагиро барои рушди устувор дар бар мегирад.
5. Шаффофият ва масъулият дар идоракунии молия асоси эътимоди давлат, волидайн ва шарикон мебошад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

***I. Саволҳо барои баррасӣ***

1. Кадом принсипҳо асоси маблағгузории меъёрии мактабҳоро дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд?
2. Кадом ҳуҷҷатҳои асосии қонунгузорӣ маблағгузории муассисаҳоро танзим мекунанд?
3. Тафовут байни манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар чӣ ифода меёбад?
4. Шумо кадом қадамҳоро барои истифодаи оқилонаи буҷети муассисаҳо мегузоред?
5. Дар назди шаффофияти фаъолияти молиявии муассиса то чӣ андоза худро масъул меҳисобед?
6. Ба андешаи шумо, системаи маблағгузорӣ чӣ гуна ба сифати муҳити таълим таъсир мерасонад?
7. Кадом ҷанбаҳои маблағгузории муассисаро бояд амиқтар омӯзед?
8. Кадом қадамҳоро метавонед андешед, то устувории молиявии муассисаҳоро баланд бардоред?

👉 ***Шакли фаъолият: муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд***

***II. Саволҳои иловагӣ барои муҳокима дар гурӯҳ***

1. Кадом манбаъҳои маблағгузорӣ (буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ) дар муассисаи шумо воқеан истифода мешаванд ва то чӣ андоза ба меъёрҳо мувофиқанд?
2. Раванди таҳия ва тасдиқи смета дар муассисаи шумо чӣ гуна ба роҳ монда шудааст? Кадом мушкилиҳо дар ин раванд ба миён меоянд?

👉 ***Шакли фаъолият: муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд***

***III. Гузариш ба амал***

1. Аз назар гузаронидани сметаи ҷории муассиса бо дарназардошти талаботи меъёрӣ ва камбудиҳои ошкоршуда.
2. Таҳияи нақшаи ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ (грантҳо, кумаки шарикон, хизматрасониҳои пулакӣ) мутобиқ ба ҳадафҳои муассиса.
3. Навсозии системаи назорати дохилии молиявӣ ва ҳисоботдиҳии шаффоф, аз ҷумла иттилоърасонии мунтазам ба ҳайати омӯзгорон ва ҷомеаи волидайн.

👉 *Шаклифаъолият: муҳокима дар ҷуфт ё гурӯҳҳои хурд*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.1**

1. **Манбаъҳои асосии маблағгузории муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ:**
   a. Фондҳои ғайрибуҷетӣ
   b. Буҷети давлатӣ
   c. Сармоягузорони байналмилалӣ (донорҳо)

2. **Ҳаҷми маблағгузории давлатии таҳсилоти умумӣ вобаста аст аз:**
   a. Даромадҳои қисми даромади буҷет
   b. Ҳаққи аъзогии волидайн
   c. Грантҳои байналмилалӣ

3. **Маблағгузории бисёршабакагии соҳаи маориф дар бар мегирад:**
   a. Маблағҳое, ки аз ҷониби волидайн (ё намояндагони онҳо) ба суратҳисоби муассисаи таълимӣ барои таълими иловагӣ гузаронида мешаванд
   b. Маблағгузорӣ аз манбаъҳои гуногуни буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ
   c. Маблағгузории соҳаи маориф танҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ

4. **Маблағгузории бисёрзинагии соҳаи маориф маънои онро дорад, ки:**
   a. Маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ
   b. Маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ
   c. Маблағгузории соҳаи маориф танҳо аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Таҳлили афзалиятҳои муосири ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба раванди таълим.
2. Фаҳмидани барномаҳои давлатии барои татбиқи ислоҳот дар Тоҷикистон амалкунанда.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**

**<u>Кори амалӣ.</u> Тағйироти дар маблағгузории маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаро баррасӣ намудан.**

Ҳар як иштирокчӣ аз ду гурӯҳи шунавандагон (гурӯҳи №1 ва гурӯҳи №2) ба чунин савол ҷавоб мегӯяд: **«Пас аз истиқлолият дар маблағгузории таҳсилоти мактабӣ чӣ тағйирот ба амал омад?».**

**Вазифа барои гурӯҳҳо**

- Гурӯҳи №1 сутуни тарафи чапро «Тағйироти мусбат дар маблағгузории таҳсилоти мактабӣ дар панҷ соли охир» пур мекунад.
- Гурӯҳи №2 сутуни ростро, «Тағйироти манфӣ дар маблағгузории таҳсилоти мактабӣ дар панҷ соли охир» пур мекунанд.

Баъди ба таври алоҳида ва якҷоя ба саволҳо ҷавоб ёфтан ҳар як гурӯҳ онро барррасӣ намуда, дар ҷадвали умумӣ тариқи флипчат (тахтакоғаз) сабт менамоянд. Сипас ҷавобҳои гурӯҳи №1 бо ҷавобҳои гурӯҳи №2 муқоиса карда мешавад.

| Тағйироти мусбат дар маблағгузории таҳсилоти мактабӣ дар панҷ соли охир | Тағйироти манфӣ дар маблағгузории таҳсилоти мактабӣ дар панҷ соли охир |
|---|---|
| *1.* | *1.* |
| *2.* | *2.* |
| *3.* | *3.* |
| *4.* | *4* |
| *5.* | *5.* |

**Дарси амалӣ доир ба машғулияти №2: Самтҳои асосии такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳар шунаванда ҷадвали дар зер овардаро пур карда, сипас бо усули «Ангезиши зеҳн» ва бо кумаки тренер ҷадвали умумии дар тахтакоғаз (флипчарт) бударо пур мекунад.

1.

| № | ***Самтҳои асосии такмили низоми маблаггузории таҳсилоти мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | ***Аҳамият ва натиҷаҳои ба даст омада (ё интизоршуда)*** |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |

**Саволҳои назоратӣ ба мавзуи 1**

1. Роҳҳои асосии маблағгузории низоми таҳсилотро дар шароити иқтисоди бозорӣ номбар карда, баррасӣ намоед.
2. Тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ маблағгузории муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо амалӣ мегардад?
3. Проблемаҳои асосии маблағгузории таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд?
4. Ба маблағгузории муассиса буҷети ноҳия/шаҳр чӣ вобастагӣ дорад?
5. Буҷети муассиса дар асоси чӣ ташкил мешавад?
6. Воридотро аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ чӣ тавр афзудан мумкин аст?

# МАВЗУИ 2

## Сарчашма ва усулҳои маблағгузории муассисаҳои таълимӣ

**Чиро донстан муҳим аст?**

- Сохтори маблағгузорӣ дар соҳаи маориф: буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ, омехта.
- Манбаъҳои асосӣ: давлатӣ (буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ), грантҳо, хайрияҳо, хизматрасониҳои пулакии таълимӣ.
- Заминаи меъёриву ҳуқуқӣ: қонунҳо, стандартҳо, қарорҳо, қоидаҳои субсидиядиҳӣ.
- Нақши муассис, мақомоти идоракунӣ ва худи муассисаи таълимӣ дар ҷалб ва тақсими маблағҳо.

**Чиро бояд тавонем?**

- Истифода бурдани меъёрҳо барои ҳисоб кардани эҳтиёҷоти захираҳо.
- Таҳлили самаранокии истифодаи маблағҳо.
- Таҳияи лоиҳаҳо барои ҷалби грантҳо ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ.
- Пешбурди ҳисоботдиҳии молиявӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Кадом моделҳои маблағгузорӣ дар муҳити таълимӣ устувортар мебошанд?
- Чӣ гуна метавон шаффофият ва самаранокии қарорҳои молиявиро дар муассиса таъмин кард?
- Имкониятҳо ва маҳдудиятҳои маблағгузории ғайрибуҷетӣ дар чӣ ифода меёбанд?
- Нақши менеҷменти молиявӣ дар рушди муассисаи таълимӣ аз чӣ иборат аст?
- Чӣ гуна метавон савияи дониши молиявии дастаи роҳбарикунандаро баланд бардошт?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед:

1. Манбаъҳои асосии маблағгузории муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла моделҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва омехтаро фаҳмед.
2. Усулҳои таҳияи смета, ҳисоб тибқи меъёрҳо ва банақшагирии хароҷотро дар муассисаи таълимӣ аз худ кунед.
3. Қобилияти шинохти имкониятҳои ҷалби захираҳои иловагии молиявиро (грантҳо, хайрияҳо, хизматрасониҳои пулакӣ) ташаккул диҳед.
4. Равиши салоҳиятнокро нисбат ба идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ ташаккул дода, шаффофият ва самаранокии хароҷотро таъмин намоед.

## Муқаддима

Маблағгузории самаранок яке аз шартҳои калидии рушди устувори низоми таҳсилот ба шумор меравад. Муассисаҳои муосири таълимӣ дар шароити маблағгузории бисёршабака фаъолият мекунанд, ки дар он манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ омезиш меёбанд. Донистани манбаъ ва усулҳои маблағгузорӣ ба директорони муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки буҷаро дуруст ба нақша гиранд, барномаҳои таълимиро амалӣ намоянд, инфрасохтори заруриро таъмин кунанд ва сифати хизматрасониҳоро баланд бардоранд.

Дар доираи ин мавзуъ моделҳои асосии маблағгузорӣ, санадҳои меъёрии амалкунанда, роҳҳои ҷалби захираҳои иловагӣ ва усулҳо барои ташаккул ва иҷрои сметаи хароҷот мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ин дониши заминавиест барои идоракунии шаффоф, мақсаднок ва натиҷабахши идораи молиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ**.**

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Манбаъҳои маблағгузорӣ** — роҳҳои воридшавии маблағҳои пулӣ ба муассисаҳои таълимӣ (буҷети давлатӣ, даромадҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо, хайрияҳо, хизматрасониҳои пулакӣ).

**Усулҳои маблағгузорӣ** — равишҳои тақсими захираҳо: меъёрӣ, мақсаднок, лоиҳавӣ, субвенсияҳо, субсидияҳо.

**Маблағҳои буҷетӣ** — захираҳои молиявие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ тибқи сметаи тасдиқшуда ҷудо карда мешаванд.

**Маблағҳои ғайрибуҷетӣ** — маблағҳое, ки муассисаи таълимӣ аз манбаъҳои иловагӣ ба даст меорад: грантҳо, хайрияҳо, даромад аз хизматрасониҳои пулакӣ.

**Сметаи хароҷот** — ҳуҷҷати молиявӣ, ки нақшаи тақсими маблағҳои муассисаро аз рӯи моддаҳои хароҷот барои як давраи мушаххас муайян мекунад.

**Маблағгузории меъёрӣ** — усули ҷудо кардани маблағҳои буҷетӣ дар асоси меъёрҳои пешакӣ муқарраршуда, масалан, барои як хонанда ё як корманд.

**Грант** — маблағгузории мақсадноке, ки дар асоси озмун барои татбиқи ташаббусҳо ва лоиҳаҳои таълимӣ дода мешавад.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Манбаъҳои асосии маблағгузории муассисаҳои таълимиро ном бурдан (давлатӣ, ғайрибуҷетӣ ва омехта).
2. Тафовут байни усулҳои маблағгузории меъёрӣ ва мақсаднокро фаҳмидан.
3. Нақши сметаи хароҷотро дар идоракунии захираҳои муассиса фаҳмонида тавонистан.



**АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

1. **Савол барои мулоҳиза:** Кадом намудҳои манбаъҳои маблағгузории муассисаҳои таълимиро медонед? Аз таҷрибаи худ мисолҳо биёред.
2. Ҷадвали муқоисавӣ (мустақилона пур кардан):

| Манбаи маблағгузорӣ | Мисоли истифода дар муассисаи таълимии худ |
|---|---|
| Воситаҳои давлатӣ | |
| Даромадҳои ғайрибуҷетӣ | |
| Грантҳо | |
| Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ | |

**3. Изҳорот — дуруст ё нодуруст:**

Маблағгузории нормативӣ маънои онро дорад, ки ҳаҷми маблағҳо мувофиқи нишондиҳандаҳои муайян, ба мисли шумораи хонандагон, муайян карда мешавад.

☐ **Дуруст** ☐ **Нодуруст**

**4. Саволи кушода:**

Ба **назари шумо, кадом усулҳои маблағгузорӣ метавонанд рушди устувори муассисаи таълимиро таъмин намоянд?**



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.2-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 7.2. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.2**

**Устувории молиявии муассисаи таълимӣ бевосита ба истифодаи дурусти манбаъҳо ва усулҳои маблағгузорӣ вобаста аст.** Имрӯз муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо дар шароити маблағгузории бисёршабака фаъолият мекунанд, ки захираҳои давлатӣ, даромадҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо ва хизматрасониҳои пулакиро дар бар мегиранд.

Донистани ин механизмҳо ба банақшагирии самараноки буҷет, татбиқи барномаҳои афзалиятноки таълимӣ ва рушди инфрасохтор мусоидат мекунад.

### *1. БУҶЕТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ЧИСТ?*

- Ин нақшаи ба тавофуқ ва таносуб расида буда, фаъолияти молиявию хоҷагӣ ва таълимии муассисаро муттаҳид сохта, имкон медиҳад, ҳама гуна хароҷот (баромадҳо) ва натиҷаҳои бадастомада бо ҳам муқоиса гарданд.
- Буҷет дар шакли сметаҳо (тарҳҳо)-и даромад ва хароҷот тартиб дода шуда, фаъолияти самараноки муассисаро бо нишон додани ҷуброни хароҷоти ҷорӣ ва хизматрасонӣ инъикос менамояд.
- Буҷет аз оғоз то анҷом чандин марҳиларо тай мекунад (аз тарҳрезӣ ва мувофиқа то иҷро ва назорат).

Буҷет маъмулан, дар шакли пулӣ бо ҳисоби асъори миллӣ тартиб дода мешавад.

### 2. *САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСА*

1. Маблағҳои буҷетӣ.
2. Маблағҳои иловагии молию пулӣ, аз ҷумла, маблағҳои асъорӣ аз ҳисоби:

- Даромадҳо аз фурӯши маҳсулот, иҷрои фаъолиятҳои хизматрасонии муассисаҳои таълимӣ – истеҳсолӣ.
- Даромадҳо аз иҷрои корҳо ва фаъолиятҳои хизматрасоние, ки характери илмӣ ва илмӣ – методӣ доранд.

Аз фаъолияти истеҳсолӣ – тиҷоратӣ дар ҷараёни таълим ва дигар фаъолиятҳое, ки бо қонунгузории ҷумҳурӣ манъ нашуда бошад ва ба зарари фаъолияти асосии муассисаи таълимӣ тамом нашавад.

- Аз хайрия ва эҳсонҳои инсондӯстона ва дигар маблағҳое, ки аз ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида, аз ҷумла шахсони хориҷӣ ворид мешаванд.
- Аз карзҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарздеҳ.
- Маблағҳое, ки аз тарафи волидайн (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ихтиёран барои таъмири синфхонаҳо, бино ва хариди таҷҳизоти зарурии таълим пардохта мешавад.

### *3. «ФАНДРАЙЗИНГ» ЧИСТ?*

- Илм оид ба ҷалб ва афзоиши сарчашмаҳо ва воситаҳост.
- Дар мамлакатҳои Ғарб солҳои 80-уми асри 20 пайдо гашта, технологияҳои он то имрӯз ба пуррагӣ таҳия гаштааст.
- Тамоми чорабиниҳое, ки ба фандрайзинг бахшида мешаванд, бояд ҳаматарафа омода шаванд.

### *4. ШАФФОФИЯТ ДАР ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲО:*

- Истифодаи мақсадноки маблағҳои аз хайрия воридшуда, тибқи қарори кумитаи падару модарон дар асоси сметаҳои хароҷоте, ки муассисаи таълимӣ пешниҳод намудааст, сурат мегирад
- Кафили шаффофияти истифодаи маблағҳои буҷетии муассисаи таълимӣ АВО (ассосиатсияи волидону омӯзгорон) ва кумитаи падару модарон мебошад.
- Ташкил намудани гӯша оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар ҳар муассиса.
- Истифодаи мақсадноки маблағҳои ихтиёран воридгашта, бо қарори АВО дар асоси сметаи хараҷоти пешниҳоднамудаи муассисаи таълимӣ ба амал бароварда мешавад.

**Кори фардӣ ва дунафара.** Аз таҷриба ҷамъоварии маблағҳои иловагии муассисаатонро таҳлил намуда, роҳҳои таъмини шаффофияти онро баррасӣ кунед.

**Ҷавобҳои имконпазир:**

| | |
|---|---|
| **Ҳуҷҷатгузории дақиқ**: | |
| **Назорати ҷамъиятӣ**: | |
| **Огоҳсозии мунтазам**: | |
| **Гӯшаи шаффофият**: | |
| **Санҷиши ҳадафманд**: | |
| **Истифодаи мақсаднок**: | |
| **Технология ва абзорҳои рақамӣ** | |

### 5. *МАБЛАҒГУЗОРИИ* САРИКАСӢ (МЕЪЁРӢ) ЧИСТ?

- Яке аз воситаҳои тақсимоти одилонаи маблағҳои буҷетӣ байни муассисаҳо буда, ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст.
- Ҷорӣ намудани он барои таъмини мустақилияти иқтисодии муассиса зарур мебошад, то ин ки директорони муассисаҳо буҷети солонаи мактабро даниста, имконияти саривақт истифода кардани маблағҳои ҷудошударо дошта бошанд.
- Аз нигоҳи назариявӣ амалӣ сохтани маблағгузории сарикасӣ имкон медиҳад, то муассиса на ҳамчун объект, балки соҳаи хизматрасонии таълимии он, яъне фаъолияти вай маблағгузорӣ гардад.

### 6. *МЕЪЁРӢ* (НОРМАТИВ) ЧИСТ ВА ОН БАРОИ ЧӢ ЛОЗИМ АСТ?

- Меъёри қонунан кафолатдодашудаи хароҷоти буҷетӣ буда, барои ҷуброни хараҷоти ҷории муассисаҳои таълимӣ, ки он хизматрасонии стандартикунонидашуда ва таълими (тарбияи) як нафар хонанда ва ё тарбиягиранда дар як сол аз рӯйи ҳар як намуди муассисаҳои таълимӣ аст, муайян шудааст.
- Меъёр барои байни ҳамаи муассисаҳои таълимӣ баробар тақсим намудани маблағҳои буҷетӣ зарур аст.
- Меъёр имкон медиҳад, то буҷет мустақилона ба нақша гирифта шуда, маблағҳои ҷудошуда истифода шаванд ва барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии таълимӣ мусоидат намоянд.
- Меъёр ҳамчунин ба муассисаҳои молиявӣ (маблағгузор) ва муассисаҳои идоракунӣ, ки тавонанд захираҳои молию пулиро ба таври шафоф дар соҳаи маориф холисона нақшагирӣ ва тақсим намоянд, зарур аст.

### 7. МАҚСАДҲОИ ГУЗАРИШ БА СИСТЕМАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ САРИКАСӢ (МЕЪЁРӢ) ИБОРАТАНД АЗ:

- Тақвияти самаранок ва мақсаднок истифодаи маблағҳои буҷетӣ.
- Ташкили асосҳо барои қабули қарорҳо дар сатҳи муассисаҳо ва таъмини мустақилияти онҳо дар нақшагирии хароҷот.

- Ҳавасмандкунӣ ва дастгирии рақобати солим байни муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сифати таълим.
- Ба вуҷуд овардани имкониятҳо барои ташкили кори босамари муассисаҳо, сарфкунии маблағҳо ва таҷдиди тақсимоти онҳо барои фаъолиятҳои нав.

## 8. ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМИ МАБЛАҒГУЗОРИИ САРИКАСӢ ТАЛАБ МЕНАМОЯД:

- Муносибатҳои нави менеҷерӣ;
- Матлубгардонии (оптимизатсияи) шабакаҳои муассисаҳои таълимӣ;
- Системаи навини кор бо захираҳои кадрӣ (тахассусӣ) ва азнавсозии дохилисоҳавӣ.

## 9. МУНОСИБАТҲОИ НАВИ МЕНЕҶЕРӢ АЗ ЧӢ ИБОРАТ АСТ?

**Директори муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳуқуқ дорад:**

- Мустақилона тарификасия ва рӯйхати вазифаҳои штатиро дар мувофика бо раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳр/ноҳия тартиб диҳад.
- Мустақилона буҷети муассисаро тарҳҳрезӣ намуда, захираҳои молиию пулиро тақсим ё истифода намояд.
- Дигар захираҳои молию пулиро ба буҷети худ ҷалб намояд (ба монанди хизматрасонии иловагии таълимӣ, ҷалби сарпарастон, грантҳо ва сармоягузориҳо)
- Кормандони педагогиро ба кор қабул ё хориҷ ва ғайри педагогиро дар асоси шартнома ба кор қабул ва хориҷ кунад.

**Кор бо захираҳои кадрӣ**

- Матлубгардонии (оптимизатсияи) воҳидҳои кории кормандони муассиса бо дар назардошти шумораи хонандагон ва барномаҳои таълимии амалкунанда.
- Мавҷудияти имкони ҳавасмандкунии кормандон барои кори босифат.
- Пайдоиши маблағ барои гузаштан аз курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон.
- Ҷудо кардани маблағҳо барои харид ва дарёфти адабиёти методӣ аз рӯйи фанҳои гуногун.

**Азнавсозии дохилисоҳавӣ**

- Пуркунии матлуби синф-комплектҳо бо дарназардошти шумораи хонандагон.
- Таъмини шумораи матлуби синфҳо.
- Ислоҳи сарбории таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз ҳисоби пуррагии матлуби синфҳо.
- Танзими фонди пардохти музди меҳнати омӯзгорон.

**Ихтисори синфҳо дар натиҷаи татбиқи маблағгузории сарикасӣ чӣ натиҷа медиҳад?**

- Истифода самараноки маблағҳои буҷавӣ (дар баробари музди меҳнат маблағҳои иловагӣ барои моддаҳои дигари хароҷот боқӣ мемонад)
- Беҳтаршавии базаи моддию–техникии муассиса норасоии кадрҳои педагогӣ ҳал мегардад.

**Омилҳое, ки барои гузаштани муассисаҳо ба маблағгузории меъёрӣ (нормативӣ) таъсири манфӣ мерасонанд:**

- «Моддаҳои таҳти ҳимоя».
- Муассисаҳои ғайритипӣ, ғунҷоиши ками синфхонаҳо.
- Таълими бисёрзабона.
- Базаи заифи моддӣ – техникии муассиса.
- Таҷрибаи нокифояи директорон ва муҳосибон барои идораи фаъолияти молиявии муассиса.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Маблағгузории муассисаҳои таълимӣ** аз манбаъҳои гуногун амалӣ мешавад: аз ҷумла буҷети давлатӣ, сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо ва хизматрасониҳои таълимии пулакӣ. Дуруст ва якҷоя истифода бурдани онҳо боиси устувории молиявӣ мегардад.
2. **Усулҳои маблағгузорӣ** метавонанд сарикасӣ, мақсаднок ва лоиҳавӣ бошанд, ки ҳар кадом аз рӯйи ҳадафҳо, ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти таълимӣ татбиқ мешаванд.
3. **Таҳияи смета ва идоракунии молия** ба банақшагирии стратегӣ, таҳлили ниёзҳо ва ҳисоботдиҳии шаффофи молиявӣ ниёз доранд, ки ин асоси идоракунии самараноки захираҳо мебошад.
4. **Ҷалби манбаъҳои иловагӣ** тавассути грантҳо ва лоиҳаҳои шарикӣ имкониятҳои муассисаи таълимиро барои навсозии инфрасохтор, татбиқи барномаҳо ва баланд бардоштани сифатии таълим васеъ мекунад.
5. **Саводи молиявии дастаи роҳбарон** омили калидии рушди устувори муассиса ба ҳисоб меравад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дониш ва фаҳмиш**

1. Кадом намудҳои манбаъҳои маблағгузориро барои муассисаи худ мувофиқтар меҳисобед? Чаро?
2. Дар соҳаи маориф фарқи асосии маблағгузории меъёрӣ ва мақсаднок дар чӣ зоҳир мешавад?

**Амалия ва татбиқ**

1. Кадом усулҳои маблағгузориро аллакай дар амал истифода мешаванд ва то чӣ андоза самаранокканд?
2. Ҳангоми тартиб додан ва иҷрои сметаи хароҷот кадом мушкилиҳо ба миён меоянд?

**Мавқеъ ва рушд**

1. Сатҳи саводнокии молиявии худро ҳамчун роҳбар чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
2. Барои баланд бардоштани устувории модели молиявии муассисаи худ кадом қадамҳоро омодаед, ки анҷом диҳед?

👉 *Шакли фаъолият: муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд*

---

**II. Худбаҳодиҳӣ ба амалияи худ**

1. Кадом манбаъҳои маблағгузориро дар амал истифода мебаред ва ҳиссаи онҳо дар буҷети умумии муассиса чӣ қадар аст?
2. Маблағгузории меъёрӣ ва мақсаднок дар муассисаи шумо то чӣ андоза самаранок истифода мешавад?
3. Кадом механизмҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ташкилоти шумо ҷорӣ шудаанд?

👉 *Шакли фаъолият: муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд*

---

**III. Гузариш ба амал**

1. Барои васеъ кардани манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (грантҳо, шарикӣ, хизматрасониҳои пулакӣ) кадом қадамҳоро метавонед анҷом диҳед?
2. Чӣ гуна нақша доред, ки раванди таҳия ва мониторинги сметаро барои баланд бардоштани самаранокӣ беҳтар созед?
3. Кадом унсурҳои низоми идоракунии молиявӣ ниёз ба бозбинӣ ё навсозӣ доранд, то рушди устувор таъмин гардад?

👉 *Шакли фаъолият: баррасӣ дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

### Варақаи худбаҳодии 7.1

**Ба саволҳо ҷавоб диҳед**

1. Шарҳ диҳед, ки фарқи байни манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии маблағгузорӣ дар чист. Барои ҳар як намуди он 1–2 мисол биёред. Ҷавоби шумо: ____________________________________________________________

2. Кадом усулҳои маблағгузории муассисаҳои таълимиро медонед? Кадоме аз онҳо дар амалияи шумо самараноктар аст? Ҷавоби шумо: ____________________________________________________________

3. Чаро маблағгузории нормативӣ ҳамчун шаффоф ва устувор ҳисобида мешавад? Кадом параметрҳо ба ҳисоб кардани ҳаҷми маблағҳо таъсир мерасонанд? Ҷавоби шумо: ________________________________________________________

**Тест 1: Ҷавоби дурустро интихоб кунед**

1. Кадоме аз мисоли зерин маблағгузории мақсаднок мебошад?
   a. Маблағгузории хароҷоти ҷорӣ
   b. Ҷудо кардани маблағҳо барои навсозии инфрасохтор
   c. Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ
   d. Маблағгузории нормативӣ

2. Кадоме аз манбаъҳои маблағгузорӣ ба ғайрибуҷетӣ тааллуқ дорад?
   a. Буҷети давлатӣ
   b. Субсидияҳо
   c. Грантҳо
   d. Маблағгузории нормативӣ

3. Кадоме аз фаъолиятҳои зерин ба баланд бардоштани шаффофияти идоракунии молиявӣ мусоидат мекунад?
   a. Пинҳон кардани хароҷот
   b. Нашри ҳисоботи молиявӣ
   c. Кам кардани шумораи кормандон
   d. Коҳиш додани барномаҳои таълимӣ

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Таҳия ва тавсифи** чорабиниҳо ҷиҳати ҷалби сармоягузор/молиявӣ барои муассиса.
2. **Фаҳмидани афзалиятҳо** ва камбудиҳои гузариш ба маблағгузории сарикасӣ.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

***<u>Дарсҳои амалӣ аз рӯйи машғулияти №1:</u>***

**<u>Супориши</u> Бозӣ бо нақшаҳо – тарафҳои мусбат ва манфии гузариш ба маблағгузории сарикасӣ.**

Дар раванди кори гурӯҳӣ ҷадвали зеринро хонапурӣ намудани гурӯҳҳо (далелҳои «Тарафдор ва Зид» - ро аз нуқтаи назари кормандони муассисаҳо, вазорати молия, маориф, иҷро намудан).

Гурӯҳи №1 «Роҳбарони Вазорати маориф ва илм»,

Гурӯҳи № 2 «Роҳбарони Вазорати молия»,

Гурӯҳи №3 «Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»

Мундариҷаи нақша дар муҳокимаи умумӣ муқоиса карда мешавад.

| **Тарафҳои мусбати татбиқи маблағгузории сарикасӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Камбудиҳои татбиқи маблағгузории сарикасӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

# МАВЗУИ 3

## Формулаи ҳисобкунии буҷаи муассиса ва татбиқи коэффитсиентҳои махсус

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Асосҳои маблағгузории меъёрӣ - сарикасӣ ва асоси ҳуқуқии он.
- Унсурҳои асосии формулаи ҳисобкунии буҷа: шумораи хонандагон, меъёрҳо барои як хонанда, коэффитсиентҳо.
- Навъҳои коэффитсиентҳои махсус: минтақавӣ, ихтисосӣ, ҷубронӣ ва ислоҳкунанда.
- Ҳуҷҷатҳое, ки ҳисобҳоро танзим мекунанд: низомномаҳо, дастурамалҳо, тавсияҳои методӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Истифода бурдани формулаи ҳисобкунии буҷа бо дарназардошти меъёрҳои амалкунанда.
- Арзёбии дурустии истифодаи коэффитсентҳои махсус дар шароити мушаххас.
- Таҳлили тағйирот дар буҷа ҳангоми тағйир ёфтани шумораи хонандагон.
- Муваҷҷеҳ сохтани зарурати истифодаи коэффитсиентҳо ҳангоми тартиб додани смета.
- Истифодаи ҳисобкунии буҷа барои банақшагирии хароҷот ва рушди муассиса.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Формулаи ҳисобкунии буҷа чӣ гуна ба имкониятҳои молиявии муассиса таъсир мерасонад?
- Дар кадом ҳолатҳо метавон коэффитсиентҳои махсусро истифода бурд?
- Кӣ дар раванди ҳисоб ва тасдиқи нишондиҳандаҳои буҷавӣ иштирок мекунад?
- Чӣ гуна метавон шаффофият ва адолатро дар тақсими маблағҳо таъмин кард?
- Кадом хатарҳо дар натиҷаи хатогиҳо дар ҳисобҳо ба вуҷуд меоянд ва чӣ гуна онҳоро пешгирӣ кардан мумкин аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Сохтори формулаи ҳисобкунии буҷаи муассиса, аз ҷумла унсурҳои асосӣ: меъёри сарикасӣ, шумораи хонандагон, воҳид ва коэффитсиентҳоро фаҳмед.
2. Коэффитсиентҳои махсус (минтақавӣ, ихтисосӣ, ислоҳкунанда) дар ҳисобкунии сметаи муассиса бо дарназардошти шароити мушаххас истифода баред.
3. Таъсири тағйирот дар шумора, меъёрҳо ё коэффитсиентҳоро ба ҳаҷми умумии маблағгузории буҷавӣ арзёбӣ кунед.

## Муқаддима

**Ташаккули буҷаи муассисаи таълимӣ — вазифаи калидии идоракунии самаранок мебошад.** Дар шароити маблағгузории меъёрӣ- сарикасӣ буҷаи мактаб тибқи формулаи муайян ҳисоб карда мешавад, ки дар он меъёрҳои асосӣ, шумораи хонандагон ва коэффитсиентҳои махсус ба назар гирифта мешаванд. Ин коэффитсиентҳо хусусиятҳои минтақавӣ, ихтисосӣ ва иҷтимоии муассисаро инъикос мекунанд.

Фаҳмидани сохтори ин формула ва принсипҳои истифодаи коэффитсиентҳо ба маъмурон имкон медиҳад, ки қарорҳои молиявии асоснок қабул намоянд, захираҳоро нақшагирӣ карда, ҳангоми ҳамкорӣ бо мақомоти идоракунӣ эҳтиёҷоти худро асоснок нишон диҳанд.

Ин мавзуъ нишон медиҳад, ки чӣ гуна ҳисобкунии буҷаро на танҳо ҳамчун воситаи ҳисоботи молиявӣ, балки ҳамчун механизми стратегии рушди муҳити таълим истифода бурдан мумкин аст.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Формулаи ҳисобкунии буҷа -** тартиби муқарраргардидаи муайянкунии ҳаҷми маблағгузории муассиса мебошад, ки ба шумораи хонандагон, меъёри хароҷот ва коэффитсиентҳои иловагӣ асос ёфтааст.

**Меъёри маблағгузории сарикасӣ -** маблағи муайяншудае, ки барои як хонанда дар як сол ҷудо карда мешавад ва маблағгузории асосии муассисаро муайян мекунад.

**Коэффитсиентҳои махсус** - параметрҳои ислоҳкунандае, ки хусусиятҳои минтақавӣ, ихтисосии таълим ва контингенти хонандагонро ба назар мегиранд (масалан, коэффисиенти ноҳиявӣ, филиал, муассисаҳои таълимии типи нав ва ғайра).

**Контингенти хонандагон** - шумораи умумии хонандагони муассиса, ки дар ҳисобкунии буҷа ба назар гирифта мешавад.

**Коэффитсиентҳои махсус** - нишондиҳандаҳои иловагӣ мебошанд, ки меъёри асосиро вобаста ба шароити дохилӣ ва беруна тағйир медиҳанд (масалан, филиал, хусусиятҳои иқлимӣ, сатҳи рушди инфрасохтор).



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супоришҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ**

**1. Чӣ медонед?**

- Кадом омилҳо ба ҳисобкунии буҷаи муассиса таъсир мерасонанд?
- Кадом меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд?

**2. Дуруст/Нодуруст**

✓ Маблағгузории муассисаҳо ҳамеша танҳо бо назардошти шумораи хонандагон ҳисоб карда мешавад.
✓ Коэффитсиентҳои минтақавӣ барои ҳамаи муассисаҳои таълимӣ бидуни истисно татбиқ мешаванд.
✓ Меъёри ҳадди ақал барои як хонанда дар ҳамаи намудҳои мактаб якхела аст.

**3. Намудҳои муассисаро бо коэффитсиентҳои маблағгузорӣ** мувофиқ созед**:**

| **Намудҳои муассиса** | **Коэффитсиентҳои мувофиқ** |
|---|---|
| 1. Литсей (бо таълим аз синфи 5) | **БМ = ШХ *(МХ *1,1) + ММ.** |
| 2. Муассиса бо таълим ба якчанд забон | БМ= (ҲАМХ х ШМХ+ҲАММ) х 1,1 |
| 3. Муассиса бо филиалҳо | БМ= ҲАМХ х ШМХ+(ҲАММ х (1+0,1хШФ)) |

### Таҷрибаи амалии директорон

1. Кадом мушкилиҳо ҳангоми банақшагирии буҷаи муассиса дар минтақаи шумо ба миён меоянд?
2. Истифодаи коэффитсиентҳои махсус чӣ гуна ба маблағгузории муассисаи шумо таъсир мерасонад?



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.3-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 7.3. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.3**

### *АСНОДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ*

«Маблағгузории соҳаи маориф ҳар сол дар буҷети давлатӣ бо сархати алоҳида зикр гардида, бо дарназардошти меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузории муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад. Ин меъёрҳо вобаста ба намуд, шакл, зинаҳои таҳсилот, маҳалли ҷойгиршавӣ ба як таълимгиранда, ба як муассисаи таълимӣ ва ё дар дигар асос муайян карда шуда, бояд барои пурра пӯшонидани хароҷоти ҷории вобаста ба раванди таҳсилот мусоидат намоянд. Тартиби ҳисоб намудани меъёрҳои маблағгузории хизматрасонии таълимӣ, аз ҷумла маблағгузории сарикасӣ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад»

**Ҳадди ақали меъёрҳои истифодашаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- Ҳадди ақали меъёрҳои арзишӣ барои ҳисоббаробаркунии буҷҷаи муассисаҳо
- Ҳадди ақали меъёр барои як хонанда вобаста ба типи муассиса
- Ҳадди ақали меъёр барои як муассиса вобаста ба типи муассиса

Ҳадди аққали меъёрҳои арзишӣ дар сатҳи миллӣ муайян карда шуда, вобаста ба хароҷоти аслии давлат ба таҳсилот ҳисоб карда мешаванд. **Ба таври дигар гӯем, ин меъёрҳои имкониятӣ буда, меъёрҳои аз рӯйи талабот муайяншуда нестанд.**

**Истифодаи ҳадди ақали меъёрҳо бояд ба принсипҳои зерин ҷавобгӯ бошанд**

- Баробар будани андозаҳои (нишондодҳои) аввалӣ.
- Муносибати тафриқавӣ ба муассисаҳо.
- Аз нигоҳи молиявӣ таъмин будани муассисаҳо дар пунктҳои аҳолинишине, ки барои ҷумҳурӣ моҳияти стратегӣ доранд.

**Андозаи меъёрҳо**

| Навъи муассисаҳои таҳсилотӣ | Меъёр (сомонӣ) 2024 | | Меъёр (сомонӣ) 2025 | |
|---|---|---|---|---|
| | Барои як хонанда | Барои як муассиса | Барои як хонанда | Барои як муассиса |
| Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-11) | 1574 | 292205 | 2156 | 400321 |
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 1 -9) | 1962 | 117652 | 2688 | 161183 |
| Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1-4) | 2455 | 42355 | 3363 | 58026 |

**Ҳадди ақали меъёрҳо чиро дар бар мегиранд?**

Онҳо ҳамаи хароҷоти ҷориро мепӯшонанд (ба истиснои сохтмони асосӣ ва хароҷоти курсҳои такмили ихтисос)

Аз ҷумла:

- Музди меҳнати кормандони педагогӣ ва маъмурию хоҷагии муассиса.
- Маводи таълимӣ ва асбобҳои айёнии хизматрасонӣ ва коммуналӣ.
- Хариди мебелҳо ва инвентари нарм.
- Таъмири ҷории бино ва бардошти ахлот.

**Меъёрҳо ду омили муҳим – андоза ва типи муассисаро мадди назар дорад, зеро**:

- Типҳои гуногуни муассиса маблағҳои мухталифро барои амалӣ сохтани барномаҳои таълимии миллӣ тақозо дорад.
- Муассисаҳо моҳиятан аз рӯйи хаҷму андоза фарқ доранд.

**Омилҳое, ки ба бузургиҳои ҳадди ақали меъёрҳо таъсир мерасонанд**

- Андозаҳои буҷаи миёнамуҳлат (АБМ).
- Ҳаҷми маблағҳое, ки аз буҷҷаи давлат ба сектори маориф ҷудо мешавад.
- Хаҷми маблағҳое, ки ба системаи таҳсилоти умумӣ ҷудо мешаванд.
- Шумораи хонандагон ва шумораи муассисаҳо.

**Асосҳои ҳуқуқӣ барои муҳосибаи ҳадди ақали меъёрҳо**

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №505 аз 01.10.2007 ва тағйирот ба он.
- Буҷаи давлатии тасдиқшуда барои соли ҷорӣ.
- Дастур барои таҳияи андозаи буҷаи миёнамуҳлат барои соли пешоянд ва ду соли оянда (АБМ).
- Андозаи буҷаи миёнамуҳлат (АБМ)-и тасдиқшуда, ки соли ҷорӣ ва ду солиояндаро дар бар мегирад

**Ахбор барои ҳисоби буҷаи солона дар асоси ҳадди ақали меъёрҳо**

1. Ҳисоботи шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо ва вилоятҳо ба 1 январи соли ҷорӣ ва солҳои минбаъда аз рӯйи:
- шумораи муассисаҳо аз рӯйи типи муассиса барои мактабҳои ибтидоӣ, асосӣ ва миёна;
- теъдоди хонандагон аз рӯйи муассиса барои муассисаҳои ибтидоӣ, асосӣ ва миёна;
- теъдоди муассисаҳо ва хонандагон дар он барои гимназияҳо;
- теъдоди муассиса ва хонандагон дар он барои литсейҳо (5-12);
- теъдоди муассисаҳо ва хонандагон дар он барои ВМКБ ва ноҳияҳое, ки барои онҳо коэффисенти ноҳияҳо таъин шудааст;
- теъдоди муассисаҳо ва хонандагон дар он бо зиёда аз 1 забони таълимӣ (танҳо муассисаҳои деҳоте, ки шумораи хонандагон камтар аз 400 нафаранд);
- теъдоди муассисаҳо бо филиал ва теъдоди филиалҳо.

2. Барои таҳсилоти иловагӣ ва таҳлил ҳамчунин:
- шумораи сарбории педагогӣ дар асоси тарификатсияи тасдиқшуда;
- теъдоди кормандони хоҷагӣ ва воҳидҳои дигари педагогӣ аз рӯйи рӯйхати вазифаҳо.

3. Ҳисоботи шуъбаҳои молияи вилоятҳо ва ноҳияҳо:
- хароҷоти ҷории буҷаи тасдиқшуда дар соли равон барои муассисаҳои ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумии таълимӣ, инчунин барои гимназия ва литсейҳо аз рӯйи шакли тасдиқшудаи ЭКБ.

## *1. ҲИСОБИ БУҶЕТИ МУАССИСА ДАР АСОСИ МЕЪЁРҲОИ ҲАДДИ АҚАЛ ВА БО ИСТИФОДА АЗ КОЭФФИТСЕНТҲОИ МАХСУС*

**Тартиби ҳисоб намудани буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиӣ дар асоси формула ҳисоб карда мешавад, яъне дар асоси системаи нишондодҳои (меъёрҳои) таъиншуда ва истифодашавандаи ҳар як муассиса, ки мувофиқи он захираҳо тақсим мешаванд:

- **ҳадди ақали меъёр барои як хонанда аз рӯйи типи** муассиса**;**
- **ҳадди ақали меъёр барои як** муассиса **аз рӯйи типи** муассиса**;**
- **теъдоди хонандагон**.

Барои мактабҳои алоҳида ба формулаи маблағгузорӣ коэффитсенти махсус ворид карда мешавад.

**Ҷадвали формулаҳои ҳисобии буҷет бо шарҳ**

| № | Формула | Шарҳи сода |
|---|---|---|
| 1 | **БМ = МХ × ШХ + ММ** | Формулаи асосӣ барои ҳисоб кардани буҷети як муассиса: меъёри як хонанда × шумораи хонандагон + меъёри як муассиса |
| 2 | **БМ = (МХ × ШХ + ММ) × КМН** | Барои ноҳияҳое, ки коэффитсиенти махсус доранд (мисли ВМКБ): формулаи асосӣ × коэффитсиенти ноҳия |
| 3 | **БМ = ШХ × (МХ × 1.1) + ММ** | Барои гимназия ва литсейҳое, ки таълим аз синфи 1 оғоз мешавад: меъёри як хонанда × 1.1 × шумораи хонандагон + меъёри муассиса |
| 4 | **БМ = ШХ × (МХ × 1.15) + ММ** | Барои литсейҳое, ки таълим аз синфи 5 оғоз мешавад: меъёри як хонанда × 1.15 × шумораи хонандагон + меъёри муассиса |
| 5 | **БМ = (МХ × ШХ + ММ) × 1.1** | Барои муассисаҳои бисёрзабона (деҳот, 400 хонанда): формулаи асосӣ × 1.1 |
| 6 | **БМ = МХ × ШХ + (ММ × (1 + 0.1 × ШФ))** | Барои муассисаҳое, ки филиал доранд: меъёри як хонанда × шумораи хонандагон + меъёри муассиса × (1 + 10% барои ҳар филиал). |
| 7 | **БН = МХ × ШХ + ММ × М** | Формулаи буҷети умумии ноҳия барои як типи муассиса: меъёри як хонанда × шумораи миёнаи хонандагон + меъёри як муассиса × шумораи муассисаҳо |

**Дар асоси формула ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маблағҳо ҷудо карда мешаванд:**

- Барои таълими базавии хонандагон, дар ин сурат формулаи маблағгузорӣ метавонад коэффитсенти мувофиқро, ки арзиши мухталифи таълимро дар синфҳо ва типи муассисаҳои гуногун инъикос менамояд, ворид созад.
- Барои пӯшонидани хароҷоте, ки аз тарафи хонандагони алоҳида ва ё дар муассисаҳои алоҳида ба омӯзиши амиқи фанҳо сарф шудааст.
- Барои эҳтиёҷоти иловагии хонандагон дар соҳаи маориф, ки аз рӯйи статуси (камбизотӣ) иқтисодию иҷтимоӣ, хуб ва ё ба таври кифоя надонистани забони таълим, маъюбӣ, кафомонӣ аз инкишофи ҷисмонӣ ва рӯҳӣ шартгузорӣ шудааст.
- Барои пӯшидани эҳтиёҷоте, ки бо ҷойгиршавии муассисаҳо ва ҷиҳатҳои ҳаҷму андозаи онҳо – бо мавқеи дурафтодаи муассиса аз қисмҳои (нуқтаҳои) аҳолинишоне, ки дар минтақаи хизматрасонии он аст, бо комплектӣ будани муассиса, бо масофати синфхонаҳо ва утоқҳо, бо заминҳои наздимуассисавӣ ва тавсифи физикии онҳо алоқаманд аст.

Ворид сохтани тағйироти дар боло зикрёфта, ба формулаи маблағгузорӣ ба талаботи одилона ва баробарӣ ҷавобгӯ буда, мусоидат мекунад, то захираҳо байни ҳамаи хонандагон ба таври баробар тақсим шаванд.

**Ҳисоби буҷети муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо**

Буҷети ҳар як муассисаи алоҳида аз рӯйи буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳо ва ноҳияҳо тибқи формулаи **БН=МХ+ШХ+ММ*М** муайян ва ҳисоб мешавад, дар ин ҷо:

- БН-буҷети ноҳия барои типи мазкури муассисаҳо
- МХ- меъёри минималӣ ба ҳар як хонанда
- ШХ- шумораи миёнаи солонаи хонандагон аз рӯйи типи муассисаи мазкур дар ноҳия
- ММ- меъёри минималӣ ба як муассиса барои типи муассисаи мазкур
- М- миқдори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз рӯйи типи муассисаи мазкур дар ноҳия.

**Формулаи асосии ҳисоби буҷети муассисаи таълимӣ**

Буҷети муассиса (пакет) дар асоси формулаи зерин муайян мегардад:
**БМ=МХ * ШХ + ММ,**
дар ин ҷо,
БМ - буҷети муассиса;
ШХ - шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;
МХ - меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи муассиса;
ММ- меъёри минималӣ барои як муассиса вобаста аз типи муассиса.

**Коэффитсиенти ноҳиявӣ:**

- 1,45 барои муассисаҳои ш.Хоруғ ва ноҳияи Шуғнони вилояти ВМКБ
- Коэффисиент аз рӯйи типи муассиса.
- Барои литсейҳое, ки таълим аз рӯйи барномаҳои хос аз синфи панҷум оғоз мешавад = 1,15 (буҷҷаи муассисаеро, ки камшуморӣ дар пуррагии хонандаи синфҳо вуҷуд дорад ва дар оинномаи литсей ва гимназияҳо таъкид шудааст, танзим менамояд).
- Коэффитсиент барои муассисаҳое, ки зиёда аз як забони таълимӣ доранд = 1,1 (буҷаи муассисаеро, ки камшуморӣ дар пуррагии синф бо гуногунии забони таълим танзим менамояд).
- Барои муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки филиалҳои худро дар зиёда аз як нуқтаҳои аҳолинишин доранд = 10% барои ҳар як пункти аҳолинишин (коэффисенти мазкур буҷҷаи муассисаро танзим намуда, имкони нигоҳ доштани филиалҳоро медиҳад).

### Ҳисоби буҷети муассиса бо истифода аз коэффитсенти ноҳиявӣ

Ҳисоби буҷети муассисаҳои таълимии ноҳияҳое, ки барояшон бар замми формулаи маблағгузории сарикасӣ коэффисиентҳои махсуси ноҳиявӣ (КМН) тасдиқ шудааст, ба таври зайли сурат мегирад:

**БМ = (МХ * ШХ + ММ)*КМН,**

дар ин ҷо,

БМ - буҷети муассиса;

ШХ - шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;

МХ - меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи муассиса;

ММ - меъёри минималӣ барои як муассиса вобаста аз типи муассиса;

КМН-коэффисиентҳои махсуси ноҳиявӣ.

Масалан, ҳисоби буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумии дар ВМКБ ҷойгир шуда аз рӯйи формулаи зерин сурат мегирад:

БМ=(ҲАМХ*ШМХ+ҲАММ)*1,45

Мисол: муассисаи миёнае, ки шумораи умумии хонандагонаш 940 нафарро ташкил медиҳад.

БМ= (2156x940+400321)x1,45

**БМ= 3,516,739.45 сомонӣ.**

### Ҳисоби буҷети муассиса бо истифода аз коэффитсиент аз рӯйи типи муассисаҳо

Коэффитсиент аз рӯй тип (гимназия, литсей) барои ҳамин типи муассиса бо роҳи зарби ҳадди ақали меъёри як хонанда ба коэффитсиенти таъиншуда амалӣ мешавад. Барои гимназия ва литсейҳое, ки таълим дар онҳо аз рӯйи барномаи хос аз синфи 1 оғоз мешавад, буҷети муассисаашон тибқи формулаи зерин муайян мегардад.

- Барои гимназия ва литсейҳо, ки таҳсил бо барномаи махсус аз синфи якум оғоз мегардад буҷети муассиса бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**БМ = ШХ *(МХ *1,1) + ММ.**

дар ин ҷо,

БМ – буҷети муассиса ;

ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;

МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи муассиса;

ММ – меъёри минималӣ барои як муассиса вобаста аз типи муассиса;

- 1,1 – коэффитсиенти махсус барои гимназияҳо ва литсейҳо, ки аз рӯйи барономаи хос ва таълимашон аз синфи 1 оғоз мешавад.
- Мисол: гимназия бо 400 нафар хонанда.
- БМ= 400 x (2156 x 1,1)+400321

**БМ= 1,348,961 сомонӣ**

### Ҳисоби буҷети литсейҳо

- Буҷети литсейҳо, ки аз рӯйи барномаи хос таълимашон аз синфи 5 оғоз мешавад, тибқи формулаи зерин муайян мегардад:

БМ= ШМХ x (ҲАМХ x 1,15)+ҲАММ

БМ =400 *(2156 *1,15) +400321

Дар ин ҷо:

- БМ- буҷети муассиса
- **БМ = 1,392,081 сомонӣ**.

### Ҳисоби буҷети муассиса бо истифода аз коэффитсиенти махсус барои муассисаҳои таълимии бисёрзабона

**Муассисаҳои деҳот (бо шумораи хонандагон камтар аз 400 нафар), ки таълим дар он ба ду забон сурат гирифта, шумораи хонандагонаш камтар аз 400 нафар бошад, буҷети чунин тибқи формулаи зерин муайян мегардад**:

БМ= (ҲАМХ x ШМХ+ҲАММ) x 1,1

Дар ин ҷо: муассисаи таълимӣ

- БМ- буҷети муассисаи таълимӣ.
- ШМХ- шумораи миёнаи солонаи хонандагон.
- ҲАМХ- ҳадди ақали меъёр ба як хонанда вобаста ба типи муассисаи таълимӣ.
- ҲАММ – ҳадди ақали меъёр барои як муассисаи таълимӣ вобаста ба типи муассиса.
- 1,1 – коэффитсиенти махсус барои литсейҳои бисёрзабона.

Мисол: муассисаи таълимии асосӣ дар деҳа ҷойгир шуда, шумораи хонандагонаш 231 нафарро ташкил медиҳад. Ба ду забон таълим дода мешавад.

- БМ= (2156 x 231+400321) x 1,1
- **БМ= 988,192.7 сомонӣ**

**Агар муассисаи ибтидоӣ ё миёна бошад, пас ҳадди ақали меъёрҳои ҳамин типи муассисаҳои таълимӣ истифода мешавад**.

- ШМХ- шумораи миёнаи солонаи хонандагон
- ҲАМХ- ҳадди ақали меъёр ба як хонанда вобаста ба типи муассисаи таълимӣ ҲАММ – ҳадди ақали меъёр барои як муассисаи таълимӣ вобаста ба типи муассисаи таълимӣ
- 1,15 – коэффитсиенти махсус барои литсейҳое, ки таълимашон аз рӯйи барномаи хос аз синфи 5 оғоз мегардад.

**Мисол: литсей бо 575 хонанда БМ= 575 x (2156 x 1,15)+400321**

**БМ= БМ = 1,825,976 сомонӣ.**

### Ҳисоби буҷети муассисаҳо бо филиалҳо

**Мактабҳое, ки дар мавзеъҳои дигари аҳолинишин филиал доранд, буҷети онҳо тибқи формулаи зерин муайян мегардад**

- БМ= ҲАМХ x ШМХ+(ҲАММ x (1+0,1xШФ))

Дар ин ҷо: (БМ- буҷаи муассиса, ШМХ- шумораи миёнаи солонаи хонандагон, ҲАМХ- ҳадди ақали меъёр ба як хонанда вобаста ба типи муассиса, ҲАММ – ҳадди ақали меъёр барои як мактаб вобаста ба типи муассиса, ШФ – шумораи филиалҳое, ки дар дигар деҳот ҷойгиранд.

**Мисол: Муассисаи таҳсилоти миёна, ки дар ду деҳа филиал дошта, шумораи умумии хонандагон – 1056 нафар мебошад.**

- **БМ= 2156 x 1056 + (400321 x 1,2)**
- **БМ= 2,757,121.20 сомонӣ**

Барои муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, ки филиали худро дар зиёда аз як деҳа доранд, меъёри он барои ҳар як муассиса 10% аз рӯйи ҳар деҳа афзуда мешавад.

**Корҳои мустақилона: Муқоисаи меъёри маблағгузории сарикасии муасссисаҳои таълими Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо**

**Таҳлили моделҳои гуногуни маблағгузории буҷаи муассисаҳо**

| Кишвар | Принсипи асосии маблағгузорӣ | Хусусиятҳои ҳисобкунии буҷа | Афзалиятҳо | Камбудиҳои эҳтимолӣ |
|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | Маблағгузории подушевӣ бо коэффитсиентҳо | **БМ = (МХ * ШХ + ММ)*КМН** | Ба назар гирифтани коэффитсиентҳои минтақавӣ ва махсус | Метавонад эҳтиёҷоти воқеии муассисаҳоро пурра инъикос накунад |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Олмон | Маблағгузорӣ аз рӯи сатҳ ва минтақаҳо | БМ = Воҳиди асосӣ × Шумораи хонандагон + Коэфф. минтақавӣ | Гузариши тағйирпазир дар тақсими буҷа | Метавонад нобаробарӣ байни минтақаҳоро ба вуҷуд орад |
| ИМА | Маблағгузорӣ аз андозҳои иёлот + грантҳои федералӣ | БМ = (андозҳои маҳаллӣ × % буҷа) + Субсидияҳои федералӣ | Мустақилияти зиёд дар идоракунии молия | Тафовут дар маблағгузорӣ байни минтақаҳои сарватманду камбизоат |
| Фаронса | Маблағгузории давлатӣ + омилҳои иҷтимоӣ | БМ = Воҳиди асосӣ × Шумораи хонандагон + Коэфф. хавфи иҷтимоӣ | Ба назар гирифтани омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ | Эҳтимоли маблағгузории нокифояи муассисаҳои элитӣ |
| Финляндия | Дастрасии баробар ба таҳсилот | БМ = Ставкаи собит барои як хонанда + Хароҷоти инфрасохторӣ | Дастгирии ҳамаҷонибаи муассисаҳо новобаста аз минтақа | Хароҷоти баланди давлатӣ |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Принсипи асосии маблағгузорӣ**
   - Буҷаи муассиса дар асоси меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузорӣ, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда мешаванд, ташаккул меёбад.
   - Маблағгузории сарикасӣ асоси ҳисоб мебошад ва он бо коэффитсиентҳои минтақавӣ ва махсус пурра карда мешавад.
2. **Омилҳое, ки ба ҳисобкунии буҷа таъсир мерасонанд**
   - Шумораи хонандагон ва намуди муассисаи таълимӣ.
   - Ҷойгиршавии ҷуғрофии муассиса (истифодаи коэффитсиентҳои минтақавӣ).
   - Хусусиятҳои раванди таълим (масалан, литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои бисёрзабона).
3. **Истифодаи коэффитсиентҳои махсус**
   - Коэффисиенти минтақавӣ барои минтақаҳои дурдаст ё стратегӣ муҳим.
   - Коэффитсиент барои муассисаҳои бисёрзабона, ки гуногунзабониро дастгирӣ мекунад.
   - Коэффитсиентҳои иловагӣ барои муассисаҳое, ки филиал доранд ё барномаҳои таълимии махсусро амалӣ мекунанд.
4. **Истифодаи амалӣ**
   - Ҳисобкунии буҷа бо дарназардошти ҳамаи омилҳои зикршуда барои банақшагирии самараноки захираҳо ва асоснокунии эҳтиёҷоти молиявии муассисаи таълимӣ истифода бурда мешавад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Саволҳои инъикосӣ барои дарки амиқи ғояҳои калидӣ**

1. Чӣ гуна меъёрҳои ҳадди ақали маблағгузорӣ ба сифати таҳсил дар муассиса таъсир мерасонанд?
2. Кадом омилҳоро, ғайр аз шумораи хонандагон, бояд ҳангоми ҳисобкунии буҷаи муассиса ба назар гирифт?
3. Коэффитсиентҳои махсуси маблағгузорӣ кадом афзалиятҳо ва камбудиҳо доранд?
4. Кадом яке аз усулҳои маблағгузории муассисаҳо, ки дар дигар кишварҳо баррасӣ шуд, метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад?
5. Кадом қадамҳоро метавон барои тақсими одилонаи буҷа байни муассисаҳои таълимӣ андешид?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳӣ**

1. **Маҳорати ҳисобкунии буҷа**
   - Қобилияти истифодаи формулаҳои ҳисобкунии буҷаи муассиса бо назардошти шумораи хонандагон ва намуди муассисаи таълимӣ
   - Омӯхтани механизмҳои ислоҳи буҷа бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ ва махсус
2. **Рушди малакаҳои таҳлилӣ**
   - Қобилияти таҳлили таъсири коэффитсиентҳо ба тақсими захираҳои молиявӣ
   - Малакаҳои кори гурӯҳӣ дар ҳисобкунии буҷа ва муқоисаи нишондиҳандаҳои буҷавии муассисаҳои гуногун

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Самаранокии а банақшагирии буҷа**
   - Аз нав баррасӣ кардани истифодаи коэффитсиентҳо барои тақсими самараноки маблағҳо
   - Арзёбии таъсири коэффитсиентҳои махсус ба маблағгузории муассисаҳои гуногун
2. **Таҳлил ва ислоҳи қарорҳои буҷавӣ**
   - Муқоисаи маблағгузорӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ барои ҷустуҷӯйи роҳҳои беҳбудӣ
   - Таҳияи стратегияи истифодаи оқилонаи маблағҳои буҷавӣ

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар дунафариҳо*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАХМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 7.2**

**1. Мафҳумро бо тавсифи он мувофиқ созед**

Мафҳумҳоро аз сутуни чап бо тавсифи дурусти онҳо аз сутуни рост пайваст намоед:

| Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|
| **1. Маблағгузории сарикасӣ** | А. Нишондиҳандаи ислоҳкунанда барои муассисаҳои дар минтақаҳои дурдаст |
| **2. Коэффитсиенти минтақавӣ** | Б. Ҳисобкунии буҷаи муассиса бо назардошти шумораи хонандагон |
| **3. Коэффитсиенти махсус** | В. Коэффитсиентҳои иловагӣ, ки хусусиятҳои муассисаро ба назар мегиранд |

**2. Хатогиро пайдо кунед**

**Дар кадом изҳорот хато ҷой дорад?**

1. Коэффитсиенти минтақавӣ ба ҳамаи муассисаҳо бидуни истисно татбиқ мешавад.
2. Коэффитсиентҳои махсус метавонанд гуногунзабонии хонандагонро ба назар гиранд.
3. Меъёри ҳадди ақали маблағгузорӣ барои ҳамаи намудҳои муассиса якхела аст.
4. Формулаи ҳисобкунии буҷаи муассиса шумораи хонандагонро ба назар мегирад.

2. **Таърифро пурра кунед**

**Ҷойҳои холиро бо калимаҳои мувофиқ пур кунед:**

**Формулаи ҳисобкунии буҷаи** муассиса воҳиди кори асосӣ, ____________________________________________ **ба шумораи хонандагон**, инчунин__________________________________, дар бар мегирад ки маблағгузориро вобаста ба намуди муассиса ва ҷойгиршавии он ислоҳ мекунанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Қобилияти ҳисоб кардани** буҷаи муассиса дар асосӣ ба меъёри ҳадди ақали хароҷот ва коэффитсиентҳои махсус.
2. **Ҳисоб кардани буҷаи** солонаи муассисаҳои гуногун бо дарназардошти коэффитсиентҳои махсус.



### МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

***Машғулияти амалии 1.***

***Дар гурӯҳ ҳисоби буҷети солонаи муассисаҳои таълимии умумӣ аз рӯйи ҳадди ақали меъёри хароҷот ва коэффитсиентҳои махсус***

**Супориши 1. Даври якуми ҳисоб.**

Дар гурӯҳ ҳисоби буҷети солонаи нақшаи солонаи буҷаи муассисаҳо (бо истифода аз меъёрҳои соли 2025).

| Гурӯх | Намуди муассиса | Шумораи хонандагон | Буҷаи солона |
|---|---|---|---|
| Гурӯҳи 1 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ | 832 | |
| Гурӯҳи 2 | Муассисаи таҳсилоти асосӣ, ш. Хоруғ бо як филиал | 652 | |
| Гурӯҳи 3 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, ш. Душанбе (таҳсил бо ду забон) | 1532 | |
| Гурӯҳи 4 | Гимназия | 210 | |
| Гурӯҳи 5 | Литсей (аз синфи 5, бо барномаи махсус) | 487 | |
| Гурӯҳи 6 | Муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ (таҳсил бо се забон ва ду филиал) | 399 | |

**Супориши 2. Даври дуюми ҳисоб.** Аз рӯйи нақшаи овардашуда, ҳар як гурӯҳ буҷети солонаи намуди муассисаҳои худро бо нишондоди хонандагон муайян менамоянд.

| Намуди муассиса | Шумораи хонандагон | Буҷаи солона (ба сомонӣ) |
|---|---|---|
| Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ | 500 | |
| Муассисаи таҳсилоти асосӣ дар ш. Хоруғ | 500 | |
| Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ш. Душанбе | 500 | |
| Гимназия | 500 | |
| Литсей, ки таълимаш дар асоси барномаҳои хос аз синфи 5 оғоз мешавад | 500 | |
| Муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, ки таълим дар он бо ду забон сурат гирифта ва ду филиал дорад | 500 | |

Аз рӯйи ҷадвали додашуда буҷети солонаи ҳар як намуди муассисаро муайян карда, ба саволҳои зерин ҷавоб гӯед:

1) Дар сурати тағйир наёфтани шумораи хонандагон кадом муассиса захираҳои молиявиро бештар дарёфт мекунад?
2) Кадом омилҳои муҳимтарин ба ҳаҷми буҷети солонаи муассиса таъсир мерасонад.

# МАВЗУИ 4

## Тартиби ягонаи сметаи даромад ва хароҷоти муассиса, банақшагирии сметаи хароҷот

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Мафҳуми меъёри асосии маблағгузорӣ.
- Нишондиҳандаҳои асосии формулаи ҳисобкунии буҷа.
- Навъҳои коэффитсиентҳои махсус: минтақавӣ, муассисаҳои типи нав, филиалҳо ва ғайра.
- Асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳисобкунии буҷа.
- Тафовут байни намудҳои муассисаҳо (шаҳрӣ, деҳотӣ, махсусгардонидашуда).

**Чиро бояд тавонист?**

- Истифода бурдани формулаи ҳисобкунии буҷа дар мисолҳои мушаххас.
- Таҳлили таъсири коэффисиентҳои гуногун ба буҷаи ниҳоӣ.
- Гузаронидани ҳисобҳо бо такя ба маълумоти миқдорӣ (хонандагон, синфҳо, шароитҳо).
- Пешниҳод кардани роҳҳои беҳсозии сиёсати буҷавӣ.

**Саволҳои калидӣ барои баррасӣ**

- Кадом аломатҳо барои ҳисобкунии буҷаи муассиса муҳимтар мебошанд?
- Хусусиятҳои муассиса чӣ гуна метавонанд ба истифодаи коэффисиентҳо таъсир расонанд?
- Оё зарурат ба коэффисиентҳои нав ё иловагӣ вуҷуд дорад?
- То чӣ андоза модели ҷории буҷа эҳтиёҷоти воқеии муассисаро инъикос мекунад?
- Чӣ гуна метавон равандҳои буҷавиро шаффоф ва барои ҳамаи иштирокчиён фаҳмотар сохт?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Асосҳои банақшагирии буҷа: шиносоӣ бо принсипҳои тартиб додани сметаи ягонаи даромад ва хароҷотро фаҳмед.
2. Рушди малакаҳои идоракунии молия: қобилияти таҳлили манбаъҳои даромад ва моддаҳои асосии хароҷотро донед.
3. Методикаи банақшагирии смета бо дарназардошти хусусиятҳои муассисаи таълимиро омӯзед.
4. Намудҳои гуногуни смета: солона, лоиҳавӣ ва семоҳаро таҳия намоед..

## Муқаддима

**Идоракунии самараноки молияи муассисаи таълимӣ бе банақшагирии дуруст ва тартиб додани сметаи ягонаи даромад ва хароҷот ғайриимкон аст.** Смета на танҳо як ҳуҷҷати муҳосиботӣ мебошад, балки як абзори стратегист, ки ҳадафҳои рушд, афзалиятҳо ва таъминоти захиравии муассисаро инъикос мекунад.

Ҳангоми тартиб додани смета муҳим аст, ки тамоми манбаъҳои даромад (маблағгузории давлатӣ, маблағҳои буҷетӣ-наздик, грантҳо) ва хароҷоти банақшагирифташуда (маош, хизматрасониҳои коммуналӣ, маводди таълимӣ ва ғайра) ба назар гирифта шаванд. Ин раванд шаффофият, назоратпазирӣ ва истифодаи мақсадноки захираҳоро таъмин менамояд.

Фаҳмидани намудҳои смета, усулҳои банақшагирӣ ва механизмҳои ислоҳ-калиди ташаккули модели устувори молиявии муассиса мебошад. Чунин модел на танҳо кори мунтазами муассисаро таъмин мекунад, балки шароити мусоидро барои рушди инноватсионӣ ва лоиҳавӣ фароҳам месозад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Смета** — ҳуҷҷати молиявӣ, ки дар он даромад ва хароҷоти муассиса барои як сол пешакӣ банақшагирӣ мешаванд.

**Сметаи ягона** — ҳамаи манбаъҳои даромад (буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ) ва самтҳои хароҷоти маблағҳоро муттаҳид мекунад.

**Даромадҳо** — ҳама чизе, ки ба муассиса ворид мешавад: маблағгузории буҷавӣ, грантҳо, хизматрасониҳои пулакӣ, хайриявӣ.

**Хароҷот** — маош, хизматрасониҳои коммуналӣ, маводди таълимӣ, таъмир, хӯрок ва ғайра.

**Моддаи хароҷот** — ҳар як категорияи мушаххаси хароҷот (масалан, «Хӯрок» ё «Хизматрасониҳои таълимӣ»).

**Банақшагирии смета** — тартиб додани тавозуни байни даромадҳои интизоршаванда ва хароҷоти зарурӣ.

**Ислоҳ (корректировка)** — тағйир додани смета бо сабаби эҳтиёҷоти нав ё тағйирот дар маблағгузорӣ.

**Тасдиқ** — тасдиқи расмии смета аз ҷониби роҳбарият ё муассис.

# МАШҒУЛИЯТИ 4

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Мазмун ва сохтори сметаи даромад ва хароҷотро донистан.
2. Манбаъҳои даромад ва бандҳои хароҷотро дар асоси нишондиҳандаҳои муассиса ҳисоб кардан.
3. Сметаро дар сохторҳои давлатӣ ҳимоя ва тасдиқ намудан.



**АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ**

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Чиро медонед?**

**1. Кадом унсурҳо ба таркиби сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти муассиса дохил мешаванд?**

А) Танҳо даромад аз буҷети давлатӣ
Б) Даромад, хароҷот, боқимондаи маблағҳо
В) Танҳо хароҷот барои музди меҳнат
Г) Танҳо даромад аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ

**2. Дуруст/Нодуруст:** Оё банақшагирии сметаи даромад ва хароҷот ҳамеша танҳо ба эҳтиёҷоти ҷории муассиса асос меёбад?

А) Дуруст
Б) Нодуруст

**3. Мувофиқ созед:**
**Кадом намуди смета барои банақшагирии кӯтоҳмуддат истифода мешавад?**

А) Сметаи солона
Б) Сметаи семоҳа
В) Сметаи лоиҳавӣ
Г) Сметаи ҷамъбастӣ

**4. Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**
**Ҳангоми тартиб додани сметаи даромад ва хароҷоти муассиса бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавед?**

А) Норасоии маълумот дар бораи даромадҳо
Б) Душворӣ дар пешгӯийи хароҷот
В) Набудани дастурамалҳои дақиқ
Г) Ҳамаи зикршуда?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 7.4-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи баҳодиҳии 7.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.4**

### *1. СМЕТА, НАМУД ВА МУНДАРИҶАИ СМЕТАИ ЯГОНАИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТ*

**Смета -** ҳуҷҷати нақшавӣ мебошад, ки дар он ҳаҷми маблағи ҷудошудаи буҷет, тақсимоти он мода ба мода ва семоҳа муқаррар карда мешавад.

**Намудҳои смета:**

- **Сметаи фардӣ** барои ҳар як муассисаи буҷавӣ.
- **Сметаи муттаҳид** (ҷамъбастӣ) барои гурӯҳи муассисаҳои фаъолияташон яхкела (муассисаи таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои томактабӣ).
- **Сметаи умумӣ**-ҳаҷми маблағгузорӣ барои ниҳодҳои алоҳидаи идоравӣ (масалан, сметаи умумии шуъбаи маорифи ноҳия сметаи ҷамъбастии муассисаи таҳсилоти умумӣ, мактаб -интернатҳо, муассисаҳои томактабӣ) ва барои чорабиниҳои муттамарказро дар бар мегирад.

**Мундариҷаи сметаи ягонаи даромаду хароҷот**

**Смета аз 2 қисм таркиб меёбад:**

▪ Дар қисми аввал инъикос мешавад:
- амволи асосии муассиса;
- ном ва суроғаи муассиса;
- номи ташкилоти болоии он, ки тақсимкунандаи маблағҳои буҷавӣ мебошад;
- соҳае, ки аз рӯйи таснифоти вазифавии буҷавии он муассисаи мазкур маблағгузорӣ карда мешавад.

▪ Дар қисми дуюми смета инъикос меёбад:
- ҳаҷми солонаи маблағҳои буҷавӣ ва махсус;
- тақсимоти семоҳаи (кварталӣ) маблағҳои буҷавӣ ва махсусе, ки дар сметаи муассиса ба ҳисоб гирифта ва барои таъмини фаъолияти муассиса муқаррар карда шудааст.

**Гурӯҳи хароҷоте, ки дар смета ҷудо карда шудааст.**

1. Додани музди меҳнат ва ҳиссаҷудокунии корфармо.
2. Харачот барои молҳо ва хизматрасонӣ.
3. Хароҷот барои додани пули фоизҳо.
4. Ёрии пулӣ ва дигар трансферҳои ҷорӣ.
5. Харидани сармояи асосӣ.
6. Харидани молҳо, замин ва активҳои ғайримоддӣ барои ташкили захира.
7. Трансфертҳои капиталӣ.
8. Қарздиҳии дохилие, ки аз маблағи нигоҳдошташуда пардохт карда мешавад
9. Қарздиҳии беруна (ба хориҷа), ки аз маблағи нигоҳ дошташуда пардохт карда мешавад.

Рамзмонии хароҷоту даромадҳо дар смета мувофиқи гурӯҳбандии даромаду хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №40 аз «13» июни соли 2012 тасдиқ шудааст, сурат мегирад.

## *2. ТАРТИБИ СОХТАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ СМЕТАИ ЯГОНАИ ДАРОМАДУ ХАРАҶОТҲО*

**Қадами 1**. Смета мустақилона аз ҷониби директори муассиса ва муҳосиб сохта мешавад, чунки аввал хусусият, самт ва ҳаҷми фаъолияти ба нақшагирифташударо хуб медонад, дуюм бошад медонад, ки чӣ тавр ин фаъолиятро гузаронад, яъне ин фаъолият чӣ қадар пул меистад

**Қадами 2.**Смета бо АВО ва Шурои педагогӣ мувофиқат карда мешавад.

**Қадами 3.** Смета дар 4 нусха барои дида ва тасдиқ кардан ба ташкилоти болоӣ пешниҳод мешавад.

**Қадами 4**. Сметаи тасдиқшуда дар шуъбаҳои молиявӣ ба қайд гирифта мешавад ва баъдан мутобиқи он муассиса ба суратҳисоби худ аз хазинахона маблағҳоро гирифта, харҷ мекунад.

## *3. БАНАҚШАГИРИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ ИСТЕҲСОЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСА.*

Тартиб додани сметаи **муассисаи таълимӣ** бо муайян намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ оғоз меёбад ва дар 2 сана инъикос меёбад: 1 январ ва 1 сентябри соли нақшавии буҷавӣ.

**Ба нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолӣ мансубанд:**

- шумораи солонаи хонандагон ба ҳисоби миёна;
- миқдори солонаи синфҳо ба ҳисоби миёна;
- миқдори воҳидҳои кории педагогӣ (ставка);
- миқдори машғулиятҳои таълимӣ (соат);
- сарбории педагогӣ.

**Муайянкунии шумораи солонаи хонандагону синфҳо ба ҳисоби миёна**

- Шумораи хонандагон ва миқдори синфҳо дар муассисаҳои таълимӣ аз руйи синфҳо муайян карда мешавад: 1-4, 5-9, 10-11.

Ин маълумот дар смета ба 2 сана оварда мешавад: ба 1 январ ва 1 ентябри соли нақшавӣ.

Яке аз ин формулаҳо истифода бурда мешавад:

1) Шсҳм=(шя х 8,5)+(шс х 3,5) / 12.
2) Шсҳм=(2 х ша+шс) / 3.
3) Шсҳм =ша+1/3 (шс-шя).

Дар ин чо:

- Шсҳм – шумораи солонаи хонандагон (синфҳо) ба ҳисоби миёна
- Шя – шумораи хонандагон (синфҳо) ба 1 январи соли нақшавӣ
- Шс – шумораи хонандагон (синфҳо) ба 1 сентябри соли нақшавӣ

1) 8,5; 3,5 ва 12 миқдори моҳҳо.

**Намунаи ҳисоб:**

**Масалан**, дар **муассисаи таълимӣ** шумораи хонандагон ба 1 январ 124 хонандаро ташкил кард, ба 1 сентябри ҳамин сол (шс) 128 нафар хонанда шуд.

Шумораи миёнаи солонаи хонандагон чунин мешавад:

1. Шсҳм= (шя х8,5+шс х3,5) / 12 =(124 х 8,5+128 х 3,5) / 12=1502/12=125
2. Шсҳм=(2 х шя +шс)/3=(2 х 124+128)/3=125
3. Шсҳм= шя +1/3 (шс+ша)=124+1/3(128-124)=124+4/3=376/3=125

**Банақшагирии миқдори воҳидҳои корӣ педагогӣ**

- Воҳидҳои кории педагогӣ – ин воҳиди шартии муздии кор, ки ба меъёрҳои сарбории педагогӣ мувофиқат мекунад.
- Миқдори воҳидҳои кории педагогӣ дар асоси 2 нишондиҳанда ба ҳисоб гирифта мешавад:
  - ✓ Миқдори шумораи машғулиятӣ таълимӣ:
  - ✓ Меъёрҳои сарбории таълимӣ (педагогӣ)- и омӯзгорон дар 1 ҳафта бо роҳи тақсими миқдори умумии машғулиятӣ ба меъёри сарборӣ.

**Муайянкунии миқдори машғулиятҳои таълимӣ**

- Миқдори машғулиятҳои таълимӣ мувофиқи стандарти давлатии таҳсилот, ки дар асоси он нақшаҳои таълимӣ тартиб дода шуда, миқдори максималии соатҳои ҳатмии таълимиро дар як ҳафта муқаррар мекунад, муайян мегардад.
- Ҳангоми муайян кардан тақсимоти синфҳо ба гурӯҳҳо аз рӯйи фанҳои алоҳида - таълими меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, забони хориҷӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.
- Миқдори умумии машғулиятҳои таълимӣ дар як ҳафта ба ҳосили зарби миқдори синфҳо миқдори соатҳои таълимӣ барои як синф ҷудошуда муайян карда мешавад:

Масалан, **муассисаи таълими**и ибтидоӣ бо таълим ба забони тоҷикӣ ду синфи як, як синфу 2, як синфи 3 ва 2 синфи 4 дорад:

(1x20)+(1x22)+(1x22)+(2x24)=20+22+22+48=112 соат дар як ҳафта.

### *4. БАНАҚШАГИРИИ САРБОРИИ ПЕДАГОГӢ*

Аз соли 2008 то инҷониб меъёрҳои зерини сарбориҳои таълимии омӯзгор дар як ҳафта муқаррар карда шудааст:

– дар синфҳои ибтидоӣ – 20 соат.
– дар синфҳои болоӣ – 18 соат.

**Директор бояд барои таҳияи сметаи муассиса чӣ кор кунад?**

1. Ҷамъоварии маълумот дар бораи хароҷотҳо, аз ҷумла музди меҳнат, хизматрасониҳои коммуналӣ, маводди таълимӣ ва дигар хароҷот.
2. Тартиб додани ҳисобкунии пешакии смета бо такя ба маълумоти ҷамъоваришуда ва меъёрҳои тасдиқшуда.

**Директор бояд барои мувофиқаи смета бо мақомоти иҷроияи ҳокимиятӣ давлатӣ чӣ кор кунад?**

1. Пешниҳоди сметаи пешакӣ барои баррасӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ.
2. Баррасии тағйирот ва такмилҳо бо дарназардошти пешниҳод ва эродҳо.
3. Тасдиқи смета пас аз мувофиқаи ниҳоӣ бо мақомоти роҳбарикунанда**.**

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Смета** — ин нақшаи молиявӣ мебошад, ки даромад ва хароҷоти муассисаро дар бар мегирад.

**Банақшагирӣ** — эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ҳадафҳои дарозмуддатро ба назар мегирад.

**Навъҳои смета** — солона, семоҳа, лоиҳавӣ, ҷамъбастӣ; ҳар кадом дорои соҳаи истифодаи хоси худ мебошад.

**Оптимизатсия** — талаб мекунад, ки ҳамаи манбаъҳои даромад ба назар гирифта шаванд, шаффофият ва таҳлили хароҷот таъмин гардад.

**Назорат** — мониторинги мунтазами буҷа ба пешгирии хатогиҳо ва хароҷоти зиёдатӣ кумак мекунад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои калидӣ**

1. Чӣ гуна сметаи ягонаи даромад ва хароҷот ба устувории молиявии муассисаи таълимӣ таъсир мерасонад?
2. Кадом омилҳоро бояд ҳангоми банақшагирии буҷаи муассиса ба назар гирифт?
3. Чӣ гуна метавон тақсими маблағҳоро барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассиса танзим кард?
4. Кадом афзалиятҳо ва хатарҳои эҳтимолӣ бо намудҳои гуногуни смета (солона, семоҳа, лоиҳавӣ) вобастаанд?
5. Чӣ гуна ҷорӣ намудани шаффофият ва мониторинги равандҳои молиявӣ ба пешгирии хатогиҳо дар банақшагирии буҷа мусоидат мекунад?

👉 *Шакли фаъолият: баррасӣ дар дунафариҳо ё гурӯҳҳои хурд*

II. Худбаҳодиҳӣ –таҷриба

1. То чӣ андоза ман методикаи ҳисобкунии сметаро дуруст истифода мебарам?
2. Оё ман тамоми манбаъҳои даромадро ҳангоми тартиб додани нақшаи молиявӣ ба назар мегирам?
3. Кадом омилҳо метавонанд ба дурустии ҳисобкунии хароҷот таъсир расонанд?
4. Кадом ҷанбаҳои банақшагирии буҷаи ман ниёз ба такмил доранд?

👉 *Шакли фаъолият: муҳокима дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд*

III. Гузариш ба амал

**1. Беҳтарсозии банақшагирии буҷа**

- Аз нав баррасӣ кардани истифодаи коэффитсиентҳо барои ҳисобкунии дақиқтари хароҷот
- Арзёбии таъсири намудҳои гуногуни смета ба устувории молиявии муассиса

**2. Таҳлил ваислоҳи қарорҳои буҷавӣ**

- Муқоисаи маблағгузорӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ барои ҷустуҷӯйи роҳҳои беҳбудӣ
- Таҳияи стратегияи истифодаи оқилонаи захираҳо

3. **Ҷорӣ намудани тағйирот ва мониторинги натиҷаҳо**

- Ислоҳи буҷа бо дарназардошти мушкилот ва эҳтиёҷоти муайяншуда

👉 Шакли фаъолият: қайдҳои инфиродӣ + баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 7.3**

**1. Сметаи даромад ва хароҷот чист?**

a. Смета — ин ҳуҷҷатест, ки дар он шумораи кормандон, музди меҳнат, инчунин ҳолати биноҳо, таҷҳизот ва амвол нишон дода мешавад.
b. Смета — ин ҳуҷҷати банақшагирист, ки ҳаҷми маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ дар он тибқи моддаҳо ва барои ҳар семоҳа тақсим карда мешавад.
c. Смета — ин ҳуҷҷати иҷтимоист, ки ҳаҷми пардохти кумакпулиҳо барои кормандон ва тақсимоти семоҳаи он нишон дода мешавад.

2. **Сметаи лоиҳавӣ чист?**

a. Нақшаи молиявӣ, ки тамоми буҷаи муассисаро барои як соли тақвимӣ дар бар мегирад.
b. Сметаест, ки барои маблағгузории барномаҳо ва чорабиниҳои алоҳида пешбинӣ шудааст.
c. Сметае, ки буҷаҳои ҳамаи зерсохторҳои муассисаро муттаҳид мекунад.
d. Нақшаи молиявие, ки барои ислоҳи фаврии хароҷот дар давоми семоҳа кумак мекунад.

**3. Хатогиро дар изҳорот пайдо кунед:**

"Сметаи даромад ва хароҷоти муассиса танҳо бо такя ба эҳтиёҷоти ҷорӣ тартиб дода мешавад ва ба назар гирифтани ҳадафҳои дарозмуддат зарур нест."

a. Изҳорот дуруст аст, зеро смета ҳамеша ба эҳтиёҷоти ҷорӣ равона шудааст.
b. Изҳорот нодуруст аст, зеро смета бояд ҳам эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ҳам ҳадафҳои дарозмуддатро ба назар гирад.
c. Изҳорот дуруст аст, зеро ҳадафҳои дарозмуддат ба тартиб додани смета таъсир намерасонанд.
d. Изҳорот нодуруст аст, зеро смета танҳо барои давраи кӯтоҳмуддат тартиб дода мешавад.

**4. Таърифро пурра кунед:**

**Сметаи ҷамъбастӣ — ин нақшаи молиявист, ки...**

a. тамоми буҷаи муассисаро барои як соли тақвимӣ дар бар мегирад.
b. барои ислоҳи фаврии хароҷот дар давоми семоҳа кумак мекунад.
c. буҷаҳои ҳамаи зерсохторҳои муассисаро муттаҳид мекунад.
d. барои маблағгузории барнома ва чорабиниҳои алоҳида пешбинӣ шудааст.

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Таҳлили афзалиятҳои муосири ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистон ва муайян намудани таъсири онҳо ба раванди таълим.
2. Донистани барномаҳои давлатии барои татбиқи ислоҳот дар Тоҷикистон амалкунанда.



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**
***Дарси амалӣ доир ба машғулияти 2***

***Дарси амалӣ доир ба машғулияти 2: Банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии фаъолияти* муассисаи таълимӣ** дар асоси шумораи хонандагон ва миқдори синфҳои муассисаи худ нишондиҳандаҳои солонаро ба ҳисоби миёна ба таври фардӣ ҳисоб карда, нишондиҳандаҳои нақшавиро созед.

### САВОЛҲОИ САНҶИШӢ. ТАҲИЯИ СМЕТАИ ЯГОНАИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТҲО ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

1. Сметаи ягонаи даромаду хароҷотҳо чист ва дар идораи молиявии захираҳои муассисаи таълимӣ чӣ аҳамият дорад?
2. Нишондиҳандаҳои истеҳсолии фаъолияти муассисаи таълимиро номбар кунед? Чӣ тавр онҳо ҳисоб карда мешаванд?
3. Воҳиди руйхатҳо ва рӯйхати тарификатсионӣ гуфта чиро меномем? Нақши онҳо дар коркарди смета чӣ гуна аст?
4. Ҳисоби пардохти музди меҳнати кормандони доимӣ чӣ тавр амалӣ мегардад?
5. Ҳисоби музди меҳнати роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чӣ тавр амалӣ мегардад?
6. Вазифаҳои алавмон ва коргарони ёрирасон дар муассисаи таълимӣ чӣ гуна муққаррар карда мешавад?
7. Сарчашмҳои асосии маблағҳои ғайрибуҷетӣ, шартҳои ташаккул ва истифодаи онҳоро номбар кунед.
8. Талаботи асосӣ ва масъалаҳои ҳалталаби мавҷудаи маблағгузории муассисаи таълимиро дар шароити хазинадорӣ номбар кунед.

# МАВЗУИ 5

## Асосҳои муайян кардани музди меҳнат дар муассисаҳои таълимии умумӣ. пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо

**1. Чиро донистан муҳим аст?**

- Асноди ҳуқуқӣ, ки пардохти музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумиро танзим мекунад.
- Сохтори музди меҳнат: маош, иловапулиҳо, коэффитсент.
- Нақши ҷадвали воҳидҳои корӣ ва тарификасия.
- Тартиби ҳисоб ва пардохти музди меҳнат.
- Воситаҳое, ки аз ҷониби корфармо ҷудо мешаванд: фонди музди меҳнат, пардохтҳои мақсаднок, иловапулиҳои ҳавасмандкунанда.

**2. Чиро бояд тавонист?**

- Таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки **ба пардохти музди меҳнат дахл доранд**
- Ҳисоб кардани ҳаҷми музди меҳнат **тибқи ҷадвали тарифӣ**
- Арзёбии зарурат ва асоснокии пардохтҳои ҳавасмандкунанда
- Тартиб додани дархостҳои асоснок **бароиислоҳи фонди музди меҳнат**
- Фаҳмондани механизми ҳисобу пардохт ба кормандони муассиса.

**3. Саволҳои асосӣ барои баррасӣ**

- Кадом унсурҳо ба сохтори музди меҳнат дар муассисаи шумо дохил мешаванд?
- Чӣ гуна воситаҳои ҷудошуда аз ҷониби корфармо барои пардохти музди меҳнат тақсим мешаванд?
- То чӣ андоза системаи ҳисобу пардохти музди меҳнат барои кормандон фаҳмо ва шаффоф аст?
- Кадом душвориҳо ҳангоми банақшагирии фонди музди меҳнат ба миён меоянд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Принсипҳои асосии ҳисоб кардани музди меҳнат дар муассисҳои таълими, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва қоидаҳои маблағгузориро медонед.
2. Сохтори воҳидҳои штатӣ ва меъёрҳои ташаккули онҳо, такмили ихтисос, собиқа ва сарборӣ ба пардохти музди меҳнат.
3. Ҳисоб кардани маоши мансабӣ ва фонди солонаи музди меҳнат.
4. Муайян кардани меъёрҳои сарборӣ ва тартиб додани рӯйхати тарифкатсионӣ**.**

# Муқаддима

**Музди меҳнати кормандони муассисаи таълимӣ** на танҳо шакли подоши моддӣ мебошад, балки инъикоси қарорҳои низомӣ дар соҳаи сиёсати кадрӣ, ҳавасмандгардонӣ ва таъминоти захиравӣ низ аст.

Дар шароити гузариш ба модели нави идоракунии молиявӣ, муҳим аст, ки аз кадом унсурҳо иборат будани музди меҳнат, аз ҷумла кӣ ҳаҷми онро муайян мекунад, кадом маҳдудиятҳои меъёрӣ мавҷуданд ва имкониятҳо барои пардохтҳои ҳавасмандкунандаро дониста бошем.

Шаффофияти механизми ҳисобу пардохт ва донистани манбаъҳое, ки фонди музди меҳнат аз онҳо ташаккул меёбад, аҳамияти махсус дорад.

Ба роҳбарон зарур аст, ки тавонанд **маводи ҷудошударо барои пардохти музди меҳнат дуруст банақшагирӣ, асоснок ва идора кунанд**, то адолат ва самаранокиро дар тақсимот таъмин намоянд.

Ин мавзуъ **асоси қабули қарорҳои дурандешона** буда, **фаҳмиши амалӣ** дар бораи унсурҳои калидии фаъолияти молиявии муассисаро ташаккул медиҳад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Музди меҳнат** — подоши пулӣ барои меҳнат, ки маош, иловапулӣ, мукофотпулӣ ва дигар пардохтҳоро дар бар мегирад.

**Маош (маоши мансабӣ)** — маблағи муайяншудаи собит, ки вобаста ба мансаб ва сатҳи тахассуси корманд муқаррар мегардад.

**Меъёри тарифӣ** — ҳаҷми пардохт барои як воҳиди вақти корӣ (соат, рӯз), мувофиқи сатҳи тахассус.

**Иловапулиҳо** — пардохтҳои иловагӣ барои собиқаи корӣ, тахассуси баланд, ё шароити махсуси меҳнат.

**Пардохтҳои ҳавасмандкунанда** — мукофотпулӣ ва подошҳо барои сифати кор, ташаббус ва сарбории иловагӣ.

**Фонди музди меҳнат (ФММ)** — ҳаҷми умумии маблағ, ки барои пардохти музди меҳнати ҳамаи кормандони муассиса ҷудо карда мешавад.

**Ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатное расписание)** — ҳуҷҷате, ки мансабҳо, шумораи воҳидҳо ва ҳаҷми маошҳоро нишон медиҳад.

**Тарификасия** — раванди муайян кардани музди меҳнати ҳар як корманд тибқи мансаб ва меъёрҳои муқарраргардида.

**Пардохти музди меҳнат** — тартиб ва мӯҳлати пардохти маош ба кормандон, аз ҷумла пешпардохт ва ҳисоббаробаркунии ниҳоӣ.

**Воситаҳои корфармо** — маблағгузорӣ, ки аз ҷониби муассис ё аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ барои пардохти музди меҳнат ҷудо мешавад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Сохтори музди меҳнатро дар муассисаи таълимӣ,** аз ҷумла маоши асосӣ, иловапулиҳо ва пардохтҳои ҳавасмандкунанда фаҳмидан.
2. **Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайян кардани музди меҳнат,** аз ҷумла тартиби ташаккули фонди музди меҳнат ва нақши корфарморо дар тақсими он донистан.
3. **Механизми пардохти музди меҳнат** аз ҷумла муҳлатҳо, манбаъҳои маблағгузорӣ ва шаклҳои баҳисобгириро фаҳмидан.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

1. **Шумо аллакай чиро медонед?**
   - Кадом ҳуҷҷатҳо пардохти музди меҳнати омӯзгоронро дар Тоҷикистон танзим мекунанд?
   - Ҳаҷми музди меҳнати омӯзгорон аз чӣ вобаста аст?

2. **Дуруст/нодуруст:**
   - Маоши мансабии омӯзгорон танҳо аз сатҳи тахассуси онҳо муайян карда мешавад.
   - Ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ иҷозат дода шудааст, ки 20 соат дар як ҳафта кор кунанд.
   - Иловапулиҳо барои роҳбарии синф ба ҳамаи омӯзгорон бе истисно ҳисоб карда мешаванд.

3. **Ҳангоми ҳисоб кардани музди меҳнати омӯзгор чиҳо ба ҳисоб дохил мешаванд?**

   **а)** Танҳо маоши асосӣ
   **б)** Маош, тахассус, иловапулиҳо ва сарборӣ
   **в)** Танҳо шумораи соатҳои корӣ
   **г)** Танҳо тахассус

4. **Кадом ҳуҷҷат пардохти музди меҳнати омӯзгоронро дар Тоҷикистон танзим мекунад?**

   **а)** Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон
   **б)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»
   **в)** Мактуби дастурамалии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
   **г)** Қарор дар бораи музди меҳнати ҳадди ақал

5. **Фонди солонаи музди меҳнати муассиса чиро дар бар мегирад?**

   **а)** Танҳо маошҳои асосии омӯзгорон
   **б)** Маошҳо, иловапулиҳо ва ҳисоби иҷтимоӣ
   **в)** Танҳо иловапулиҳо барои тахассус
   **г)** Танҳо маблағҳо барои пардохти музди меҳнат



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.5-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 7.5. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.5**

### 1. *АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ*

**Асосҳои меъёрии ҳуқуқии воҳидҳои корӣ ва пардохти музди меҳнати кормандони педагогӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин муайян карда мешаванд:.**

1. Мактуби дастурии вазоратҳои маориф, молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф» 27.09. 2024.

2. Мактуби дастурии вазоратҳои маориф, молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Ҷадвали басти воҳидҳои кории ҳамаи намуди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми (мактаб-интернат, литсей, гимназия, литсеи Президентӣ) 27.09. 2024.

**Меъёри музди меҳнат ва маоши вазифавӣ (аз 01.09.2025)**

| Номгӯи вазифаҳо | Бо назардошти шумораи хонандагон (нафар) | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | то 100 | аз 101 то 280 | аз 281 то 400 | аз 401 то 880 | аз 881 то 1600 | аз 1600 то 2500 | Зиёда аз 2500 |
| Директор (мудир) | **1803** | **1889** | **1989** | **2197** | **2393** | **2699** | **2972** |
| Муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия | **1602** | **1702** | **1803** | **1989** | **2197** | **2393** | **2634** |
| Дигар муовинони директор, роҳбари тайёрии ибтидоии ҳарбӣ | **1498** | **1602** | **1702** | **1889** | **1989** | **2292** | **2519** |

**Ҷадвали музди меҳнати кормандони педагогӣ (аз 01.09.2025)**

| Номгӯи вазифаҳо | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 2 | Таҳсилоти олии касбӣ ва дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи олӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омӯзгорони синфҳои ибтидоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 1 то 4. 20 соат), - мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ, - мураббиёни мактаб- интернатҳо. | **1702** | **1803** | **1889** | **1989** | **2197** | **2393** | **2699** |
| Омӯзгорони синфҳои болоии ҳамагуна ихтисос (синфҳои аз 5 то 11. 18 соат), марказ ва гурӯҳҳои рушди инкишофи кӯдак | **1602** | **1712** | **1803** | **1889** | **2094** | **2197** | **2479** |

**Ҷадвали басти воҳидҳои корӣи**
**муассисаҳои таҳсилоти умумӣ литсей ва гимназияҳои мақоми маҳаллидошта.Ф**

| № | Номгӯйи вазифаҳо | Миқдори воҳидҳо вобаста ба шумораи синфҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | то 6 | Аз 7 то 10 | аз 11 то 13 | аз 14 то 16 | Аз 17 то 22 | аз23 то 29 | Аз 30 то 36 | 37 ва зиёда аз он |
| 1 | Директор | **1** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 2 | Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ (таълимӣ-тарбиявӣ) | | 0,5 | 1 | 1 | 1 | 2 | 2 | 2 |
| 3 | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ | | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 | 1 |
| 4 | Муовини директор оид ба корҳои хоҷагӣ ва дигар муовинон | | | | | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 5 | Мудири хоҷагӣ | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 | | | | |
| 6 | Сармуҳосиб | **1** | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 7 | Коргузор | | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 | 1 |
| 8 | Созмони талабагӣ | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 9 | Коргарони хизматгузор оид ба таъмири ҷорӣи биноҳо, таҷҳизоту иншоот ва ғ.; лӯлакаш (слесар, сантехник), устои барқ, устои дуредгар | 0,5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 |
| 10 | Ҷомадор (масъули ҷомахона-гардеробчӣ) | | | | 0,5 | 0,5 | 1 | 2 | 2 |
| 11 | Равоншинос | | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 |
| 12 | Мудири китобхона | | | | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 13 | Китобдор | | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 1 | 1 |
| 14 | Ҳамшираи тиббӣ -диетолог | | | | | 0,5 | 0,5 | 1 | 4 |
| Ҳамагӣ: | | **3** | **5** | **7,5** | **9** | **10** | **12,5** | **15** | **16** |

**1. Таркиби хароҷот аз рӯи гурӯҳи 1 «Пардохти музди меҳнат ва маблағҳои ҷудошудаи корфармо**

Рамзи 21. Музди меҳнати кормандон ва маблағҷудокунии андозӣ иҷтимоӣ.
Рамзи 2111. Музди меҳнат
Рамзи 2121. Маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ (кумакпулӣ, корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ, таваллуд ва ғ.
Рамзи 2122. Суғуртаи тиббӣ ва дигар суғуртаҳо.

**2. Тартиб додани рӯйхати воҳидҳои ҳайати педагогӣ**

Рӯйхати воҳидҳо мувофиқи меъёри мансабҳо, миқдори синфҳо, шумораи хонандагон, масоҳати бино ва ғ. тартиб дода мешавад.

Дар рӯйхати воҳидҳо нишон дода мешавад:

- амволи (реквизити) муассиса.
- номгӯи вазифаҳо.
- миқдори воҳиди корӣ.

Рӯйхати мансабҳо аз ҷониби директори муассиса тасдиқ карда мешавад.

**3. Фонди солонаи пардохти музди меҳнат**

- Баъди муайян кардани шумораи кормандон фонди солонаи пардохти музди меҳнати муассисаро, ки аз фонди солонаи пардохти музди меҳнати ҳар як коргар таркиб мёбад, муайян мекунанд.
- Барои муайян кардани фонди солонаи пардохти музди меҳнат рӯйхати тарификатсияи кормандони муассисаи мазкурро.
- тартиб дода, баъдан натиҷаҳои ҳосилшудаWhile ба рӯйхати воҳидҳо гузаронидан лозим аст.

- Фонди солонаи пардохти музди меҳнат аз рӯи рӯйхати тарификатсионӣ бо фонди солонаи пардохти музди меҳнат ва рӯйхати воҳидҳо бояд мувофиқат кунад.
- Роҳбари муассисаи таълимӣ ҳамасола ҳуҷҷатҳои омӯзгоронро санҷида, рӯйхати тарификатсиониро таҳия ва тасдиқ мекунад.
- Ҷавобгарӣ барои пардохти саривақти музди меҳнат ва дуруст муайян намудани андозаи он ба ухдаи роҳбари муассиса гузошта мешавад.

**4. Тартиб додани тарификатсияи ҳайати педагогӣ**

- Тарификатсияи ҳайати педагогӣ дар асоси тақсимоти соатҳо дар мувофиқа бо барномаи таълимии тасдиқшуда тартиб дода мешавад.
- Дар рӯйхати тарификатсионӣ нишон дода мешавад:
  - амволҳо (реквизит);
  - ному насаб, вазифа, фан;
  - таҳсилот;
  - номи ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот, рақам ва санаи додани он;
  - воҳиди (ставкаи) корӣ бо назардошти баландшавии он;
  - миқдори соатҳо дар 1 ҳафта;
  - пули иловагӣ ба маош;
  - музди меҳнат дар 1 моҳ;
  - музди меҳнати яксола.

**5. Оид ба дараҷаи таҳсилоти омӯзгорон**

Таҳсилоти омӯзгор ҳамчун таҳсилоти миёна ва ё олии касбӣ муайян шуда, одатан, талаботи махсусро нисбат ба равияи тахассус дар бар намегирад (масалан, тахассуси педагогӣ). Талаботи махсуси тахассусӣ ба омӯзгорони зерин ҳатмӣ мебошад: консертместер, омӯзгор-логопед, омӯзгор-дефектолог, педогог-психолог.

- Таҳсилоти кормандоне, ки соҳиби дипломи «бакалавр», «мутахассис», «магистр» мебошанд, ба таҳсилоти олии касбӣ баробар мебошад.
- Таҳсилоти кормандоне, ки се курси пурраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намудаанд, ба таҳсилоти миёнаи касбӣ баробар мебошад.

**6. Меъёри вақти корӣ ва тақсимоти онҳо**

- *18 соат фаъолияти таълимӣ дар як ҳафта*- омӯзгорони синфҳои 5 то 11 (12) муассисаи таълимӣ;
- *20 соати таълимӣ дар як ҳафта*- омӯзгорони синфҳои аз 1 то 4;
- Барои роҳбари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ то 12 соат дар як ҳафта ва ҷонишинони роҳбар то 16 соат дар як ҳафта сарбории таълимӣ иҷозат дода мешавад.
- Давомоти вақти кории дигар кормандон дар як ҳафта 40 соатро ташкил медиҳад
- Ҳаҷми ниҳони сарбории омӯзгорон то 2 воҳидро ташкил медиҳад. Дар сурати боқӣ мондани соатҳои кам аз фанҳои алоҳида (3-4 соат дар як ҳафта), ба таври истисно, сарбории зиёда аз 2 воҳид иҷозат дода мешавад. Дар ин сурат бояд омӯзгор тахассуснок ва ботаҷриба бошад.
- Қарори мазкур муваққатан ва ба таври истисно бо розигии иттифоқи касабаи муассиса ва мақоми маҳаллии идораи маориф қабул карда мешавад.
- Ба таври истисно роҳбарӣ дар ду синф дар навбатҳои гуногун дар сурати зиёд будани шумораи синфҳо аз шумораи омӯзгорони таҷрибадор иҷозат дода мешавад. Ҳолатҳои истисноии мазкур бояд, асоснок карда шавад ва танҳо дар сурати норасоии омӯзгорон амалӣ мешавад.

**Андозаи музди меҳнати кормандони соҳаи маориф чунин амалӣ карда мешавад:**

- Ҳангоми муайян намудани маоши вазифавии кормандони роҳбарикунандаи

муассисаҳои таълимӣ, ҷонишинони онҳо, мудирони филиалҳо шумораи хонандагон дар ин муассисаҳо ба инобат гирифта мешавад.

- Музди меҳнати омӯзгорон барои як воҳид ва маоши вазифавии кормандони педагогӣ вобаста ба таҳсилот ва дараҷаи тахассусӣ муайян карда мешавад.

**Музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ иборат аст аз:**

- меъёри музди меҳнат барои як ставка, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст.
- иловапулӣ барои корҳое, ки ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд буда, ба доираи вазифаҳои асосии корманд дохил намешаванд;
- иловапулӣ барои шароити вазнини меҳнат, ки аз шароити муқаррарӣ фарқ мекунад;
- пардохтҳое, ки вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии муассиса алоқаманд мебошанд;
- дигар пардохтҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

**Меъёри музди меҳнат ва маоши вазифавӣ**

- Ба мудири филиали муассисаи таълимӣ (ё омӯзгоре, ки ба уҳдаи вай роҳбарии филиал гузошта шудааст) ба андозаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия бо назардошти шумораи хонандагон то 100 нафар музди меҳнат пардохт мешавад;
- Музди меҳнати сармуҳосиб ба андозаи 90 фоизи музди меҳнати директор майян мешавад;
- Музди меҳнати роҳбари Созмони хонандагон баробари музди меҳнати омӯзгор бо таҳсилоти миёнаи касбӣ бе категория муайян мешавад.
- Меъёри музди меҳнати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки таҳсилоти касбӣ надоранд, ба андозаи 70 фоизи меъёри музди меҳнати омӯзгорони таҳсилоти миёнаи касби доштаи бе тахассус муқаррар мешавад.

**1. Ҳаҷми иловапулиҳо барои иҷрои корҳои ба доираи вазифаҳои асосии корманд дохил набуда, чунин пардохт карда мешавад:**

| Навъи иловапулӣ / шарт | Маблағ / Фоиз | Шарҳ |
|---|---|---|
| Роҳбарии синф | 15% | Танҳо ба омӯзгорон, на ба директор ва муовинон (ба истиснои муовинони синфҳои ибтидоӣ) |
| Тафтиши дафтар ва корҳои хаттӣ | 20% | Ба омӯзгорони забон ва адабиёти точик, алифбои ниёгон, забони русӣ, забонҳои хориҷӣ, математика, физика, химия нақшакашӣ, санъати тасвирӣ ва ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ |
| Тафтиши дафтар ва корҳои хаттӣ | 50% аз 20% | Дар ҳолати тақсим намудани синфҳо ба зергурӯҳҳо ва омӯзгорони гуногун дарс додан |
| Тафтиши дафтар (синф 30 хонанда) | 25% | Агар шумораи хонандагон аз 30 зиёд бошад |
| Тафтиши дафтар (синф 40 хонанда) | 30% | Агар шумораи хонандагон аз 40 зиёд бошад |
| Тафтиши дафтар (синф 12 хонанда) | 50% | Иловапулӣ 50% пардохт мешавад |
| Тафтиши дафтар (таҳсил дар хона) | — | Пардохт намешавад |
| Роҳбари иттиҳодияи методӣ | 15% | Ба омӯзгорони синфҳои 1–4 бо маълумоти олии касбӣ |
| Роҳбари гурӯҳи назорати сифат | 10% | Барои иҷрои сарбории иловагӣ ба вазифаи асосиаш 10 фоизи меъёри 1 ставкаи омӯзгорони синфҳои 1-4 бо маълумоти олии касбӣ тахассуси |

| | | |
|---|---|---|
| | | якум пардохт карда мешавад *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2020, №526)*. |
| Омӯзгорони фанни русӣ ва англисӣ | 10% | Ба 1 ставка зам карда мешавад |
| Мудири кабинетҳои фаннӣ/методӣ | 10% | Ба 1 воҳиди корӣ, агар кабинет ҷавобгӯ бошад |
| Иловапулӣ вобаста ба маҳал | Мувофиқ и коэф-фитсиент | Аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 майи соли 2014, №303 «Дар бораи тасдиқи коэффитси-ентҳои ноҳиявӣ, коэффитсиент барои кор дар биёбон, ҷойҳои бе об ва ноҳияҳои баландкӯҳ» |
| Унвони доктори илм / номзад | 30% | Агар рисола ба фан мувофиқ бошад |
| Омӯзгорони ҷавон (то 30 сола) | 10% | Дар се соли аввал дар деҳот |
| Сарбории омӯзгорон | То 2 воҳид | Бо истисно — зиёда аз 2 воҳид иҷозат дода мешавад |
| Роҳбарӣ дар ду синф | Бо асос-ноккунӣ | Танҳо дар сурати норасоии омӯзгорон |
| Сарбории директор | То 12 соат | Дар як ҳафта |
| Сарбории муовини директор | То 16 соат | Агар 0.5 воҳид бошад — то 1.3/1.4 воҳид дарсӣ |
| Роҳбари дифои ҳарбӣ | То 16 соат | Музди баробар ба муовини директор |
| Аттестатсия | Мувофиқ и дараҷа | Аз 1 октябр то 30 апрел, пардохт аз соли молиявӣ |
| Сармуҳосиб | 90% | Аз музди меҳнати директор |
| Роҳбари созмони хонандагон | Баробар ба омӯзгори дараҷаи 2 | Метавонад то 16 соат дарс диҳад |
| Омӯзгор бе таҳсилоти касбӣ надоранд (пас аз хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ (синфи 11) фаъолият дорад), | 70% | Баробарит меъёри музди меҳнати омӯзгорони таҳсилоти миёнаи касбидоштаи бе дараҷа муқаррар карда мешавад. |
| Дар мавриди маоши вазифавӣ омӯзгорони МТМУ аз музди меҳнати ҳадди ақали муқаррар намуда пастар шавад, | | Маоши вазифавии чунин омӯзгорон ба музди меҳнати ҳадди ақал баробар карда мешавад. |
| Агар омӯзгор таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ғайрипедагогӣ дорад ё аз фанни ғайриихтисос дарс медиҳад | | музди меҳнати ӯ аз рӯи таҳсилоти олй ё миёнаи касбӣ бе дараҷа пардохт карда мешавад. |
| Омӯзгор ғайриихтисос бошаду курси бозомӯзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифро хатм намудааст | | Ба чунин омӯзгор бо қарори комиссияи аттестасионӣ тахассус аз фанни таълимӣ дода шудааст, музди меҳнат аз рӯи таҳсил ва дараҷа пардохт карда мешавад |

## *2. ПАРДОХТИ МУЗДИ МЕҲНАТ ВА ДИГАР ИМТИЁЗУ МАҲДУДИЯТҲО ДАР ДАВРАҲОИ ГУНОГУНИ ФАЪОЛИЯТ*

Ҷадвали нақшофарӣ: "Ҳуқуқ ва пардохти музди меҳнат дар муассиса"

| Нақш | Шарҳи ҳолат | Ҳуқуқ ва пардохт | Савол барои муҳокима |
|---|---|---|---|
| **Омӯзгори ҳамҷоякор** | Дар ду муассиса кор мекунад, шартномаи меҳнатӣ дорад | Ҳаққи рухсатии пардохтшаванда дорад, агар шартнома пешбинӣ кунад | "Оё ман метавонам рухсатии пардохтшавандаро талаб кунам?" |
| **Омӯзгори соатбайъ** | Камтар аз 240 соат дар сол, шартномаи соатбайъ | Музди меҳнат аз ҳисоби воҳидҳои соатбайъ, тибқи меъёри моҳонаи соатҳо пардохт мешавад | "Музди ман бо 180 соат дар сол чӣ гуна ҳисоб мешавад?" |
| **Муовини муваққат** | Директори муваққатан ивазшаванда | Маоши вазифавии директор дода мешавад, вале на бештар аз он; соатҳои дарсӣ на бештар аз 12 соат дар ҳафта | "Оё ман ҳақ дорам маоши вазифавии директорро гирам?" |
| **Омӯзгори ивазкунанда** | Омӯзгори дигарро иваз мекунад | Агар ихтисосманд бошад — бо дараҷа; агар ғайри фаннӣ — бе дараҷа; коифитсент 84.7 (синф 1–4), 76.2 (синф 5–11) | "Агар ман омӯзгори ғайри фаннӣ бошам, пардохт чӣ гуна мешавад?" |
| **Омӯзгори таътилкор** | Дар давраи таътил фаъолият мекунад | Маош аз ҳисоби тарификатсияи пеш аз таътил, бо сарборӣ ва иловапулиҳо пардохт мешавад | "Оё дар давраи таътил маоши иловагӣ мегирам?" |
| **Омӯзгори камкомплект** | Дар синфҳои муттаҳидшуда бо шумораи кам хонандагон дарс медиҳад | Маош баробар ба якуним воҳид ё соатҳои синфе, ки соатҳояш зиёданд | "Агар ман дар синфи 1–2–3–4 дарс диҳам, маоши ман чӣ гуна ҳисоб мешавад?" |
| **Муҳосиб** | Ҳисобу пардохтро анҷом медиҳад | Маошро тибқи коифитсентҳо, шартномаҳо ва воҳидҳои корӣ ҳисоб мекунад | "Коифитсент барои синфҳои 5–11 чанд аст?" |
| **Директор** | Назорат ва тасдиқи пардохтҳо | Маоши ивазшаванда на бештар аз вазифаи асосӣ; ҳуқуқи омӯзгоронро тибқи шартнома ва қонун танзим мекунад | "Оё ман бояд барои омӯзгори ивазкунанда фармоиш нависам?" |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Системаи сохторбандии музди меҳнат.** Музди меҳнати кормандони педагогӣ ба асосҳои дақиқи меъёрӣ такя мекунад, ки сатҳи таҳсилот, тахассус, сарбории таълимӣ ва вазифаҳои иловагиро ба назар мегиранд. 2.
2. **Пайванди музди меҳнат бо барномаи таълимӣ ва сарборӣ.** Ҳаҷми пардохт тибқи рӯйхати тарификатсионӣ муайян карда мешавад, ки тақсимоти соатҳои дарсӣ мувофиқи барномаи таълимиро дар бар мегирад. Иловапулиҳо барои роҳбарии синф, санҷиши дафтарҳо ва шароити махсуси меҳнат ангезаи иловагӣ барои таълими босифат фароҳам меоранд.
3. **Таъсири омилҳои беруна ба музди меҳнат.** Коэффисиентҳои минтақавӣ, пардохтҳо барои кор дар минтақаҳои душвортанзим ва кӯҳистон, инчунин иловапулиҳо барои дараҷаҳои илмӣ зарурати мутобиқсозии музди меҳнатро ба шароити кори омӯзгорон нишон медиҳанд.
4. **Масъулияти роҳбари муассисаи таълимӣ.** Роҳбари муассиса масъулияти ҳисобу пардохти саривақтии музди меҳнат, гузаронидани тарификатсияи дуруст ва мутобиқати хароҷоти буҷетиро бо меъёрҳои муқарраршуда ба ухда дорад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. **Чӣ гуна рӯйхати тарификатсионӣ** ба тақсимоти дурусти сарбории таълимӣ ва таъмини пардохти одилонаи меҳнати омӯзгорон мусоидат мекунад?
2. **Кадом омилҳо (коэффисиентҳои минтақавӣ, пардохтҳои иловагӣ)** ба музди меҳнати омӯзгорон бештар таъсир мерасонанд ва то чӣ андоза онҳо одилона мебошанд?
3. **Пайванди пардохти меҳнат бо сарборӣ ва сифати таълим**
   - Тақсимоти соатҳои таълимӣ ва пардохтҳои иловагӣ чӣ гуна ба сатҳи таълим ва рушди касбии омӯзгорон таъсир мерасонанд?
4. **Хусусиятҳои минтақавӣ ва мутобиқсозии музди меҳнат**
   - То чӣ андоза муҳим аст, ки коэффисиентҳои минтақавӣ ва шароити меҳнат ҳангоми ҳисоб кардани музди меҳнат ба назар гирифта шаванд?
   - Кадом омилҳоро метавон беҳтар кард?
5. **Нақши роҳбар дар идоракунии молиявӣ**
   - Ҳисобу пардохти саривақтии музди меҳнат ва риояи меъёрҳо чӣ гуна ба устувории раванди таълимӣ таъсир мерасонанд?
   - Кадом мушкилот пеши роҳи роҳбарони муассисаҳо меистанд.

👉 *Шакли кор*: ***қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо***

---

**II. Худбаҳодиҳӣ**

**1. Таҳлили мутобиқат ба талабот**

1. Оё амалияи ман ба меъёрҳои тасдиқшудаи пардохти музди меҳнат ва тақсимоти сарборӣ мутобиқат дорад?
2. То чӣ андоза ман ҳуҷҷатгузории тарификасия ва баҳисобгирии вақти кориро самаранок пеш мебарам?

**2. Саводнокии молиявӣ ва идоракунии захираҳо**

1. То чӣ андоза ман механизмҳои ташаккули музди меҳнат ва пардохтҳои иловагиро мефаҳмам?
2. Оё зарурате ба омӯзиши иловагии масъалаҳои банақшагирии молиявӣ вуҷуд дорад?

👉 *Шакли кор*: ***қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо***

---

**II. Гузариш ба амал**

Барои татбиқи принсипҳои **адолат ва шаффофият** дар системаи пардохти музди меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бояд қадамҳои зерин амалӣ гарданд:

1. **Таҳлили вазъи ҷорӣ**
   - Гузаронидани ташхиси системаи ҳисобу пардохти музди меҳнат ва муайян кардани нуқтаҳои мушкил.
2. **Таҳияи такмилҳо**
   - Тартиб додани тавсияҳо барои ислоҳи ҷадвали тарифӣ ва иловапулиҳо.
   - Мутобиқсозии системаи иловапулиҳо барои баланд бардоштани ҳавасмандии омӯзгорон.

**ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?**

**Варақаи худбаҳодии 7.4**

**1. Мафҳумро бо тавсифи он мутобиқат кунед:**

| Мафҳумҳо | Тавсифҳо |
|---|---|
| **1. Рӯйхати тарификатсионӣ** | B) Ҳуҷҷате, ки дар он соатҳои таълимии кормандон мувофиқи барномаи таълимӣ тақсим карда мешаванд. |
| **2. Коэффитсиентҳои минтақавӣ** | A) Нишондиҳандаҳое, ки ҳаҷми пардохтҳоро барои кор дар минтақаҳои душворгузар ва кӯҳистон муайян мекунанд. |
| **3. Иловапулиҳо барои санҷиши дафтарҳо** | D) Пардохтҳои иловагӣ ба омӯзгорон барои санҷиши корҳои хаттии хонандагон. |
| **4. Фонди солонаи музди меҳнат** | C) Захираи молиявӣ, ки аз ҷамъбасти музди меҳнати солонаи кормандони муассиса муайян карда мешавад. |
| **1 - , 2 - , 3 - , 4 - .** | |

**2. Хатогиро дар изҳорот пайдо кунед:**

**Матнро хонед.** Агар он нодуруст бошад, зери қисми хато хат кашида, варианти дурустро нависед.

**Изҳорот:** «Музди меҳнати омӯзгорон дар давраи таътилҳо меъёрҳои сарборӣ ва иловапулиҳои муқарраршударо дар бар намегирад».

**3. Музди меҳнати кормандони техникӣ ва ёрирасон чи гуна метавонад дар асоси шартнома бо назардошти сатҳи таҳсилот муқаррар карда шавад:**

a. Дар доираи музди меҳнати ҳадди ақал, ки дар Ҷумҳурӣ амал мекунад ва арзиши сабади истеъмолӣ.

b. Дар доираи музди меҳнати ҳадди ақал, ки дар Ҷумҳурӣ амал мекунад ва музди меҳнати омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ бо таҳсилоти миёнаи касбӣ бе категория.

c. Дар доираи музди меҳнати директори мактаб ва муовинони ӯ.

**4. Музди меҳнати роҳбари Созмони хонандагон баробар аст:**

a. Музди меҳнати омӯзгор бо таҳсилоти олии касбӣ бе категория.

b. Музди меҳнати омӯзгор бо собиқаи кории зиёда аз 10 сол.

c. Музди меҳнати омӯзгор бо таҳсилоти миёнаи касбӣ бе категория.

**5. Сарбории ивазкунанда ба сарбории асосӣ дар ҳолатҳои зерин илова карда мешавад:**

a. Агар омӯзгор омӯзгори дигарро зиёда аз 2 моҳ иваз кунад.

b. Агар омӯзгор омӯзгори дигарро зиёда аз 1 моҳ иваз кунад.

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

1. Тарификатсияи омӯзгоронро таҳия карда тавонистан.
2. Ҳангоми таҳияи тарификатсия талабот, иловапулиҳо ва дараҷаҳои тахассусро ба назар гирифтан



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**

Ҳар як иштирокчӣ супориши зеринро мустақилона иҷро менамояд.

А) Омӯзгори синфҳои ибтидоие, ки таҳсилоти олӣ, категорияи 1 дорад, дар синфҳои1 (20 соат дар ҳафта) ва 3 (18 соат дар ҳафта) дарс медиҳад. Музди меҳнати моҳона ва солонаи омӯзгорро ҳисоб кунед.

Б) Омӯзгори синфҳои ибтидоие, ки таҳсилоти миёнаи махсус ва категорияи 1 дорад, дар синфҳои 1 (20 соат дар ҳафта) ва 3 (18 соат дар ҳафта) дарс медиҳад. Музди меҳнати моҳона ва солонаи омӯзгорро ҳисоб кунед.

В) Омӯзгори фанни таърих (синфҳои 5-9), ки таҳсилоти олӣ ва категорияи олӣ дорад, дар синфҳои 5 (19 соат дар ҳафта) ва 7 (16 соат дар ҳафта) дарс дода, ҳамзамон роҳбари синфи $5^{\text{г}}$ мебошад. Музди меҳнати моҳона ва солонаи омӯзгорро бароред.

Г) Омӯзгори алгебра (синфҳои 5-9), ки таҳсилоти олӣ ва категорияи 2 дорад, дар синфҳои 8 (12 соат дар ҳафта ва 9 (8 соат дар ҳафта) дарс дода, ҳамзамон роҳбари синфи $8^{\text{а}}$ мебошад. Музди меҳнати моҳона ва солонаи омӯзгорро ҳисоб кунед.

Д) Омӯзгори забони англисӣ, ки таҳсилоти олӣ ва категорияи олӣ дорад, дар синфҳои 1-4 (8 соат дар ҳафта ва 5-9 (10 соат дар ҳафта) дарс дода, ҳамчунин роҳбари синфи $5^{\text{в}}$ мебошад. Музди меҳнати моҳона ва солонаи омӯзгориро ҳисоб кунед.

# МАВЗУИ 6

## Банакшагирии хароҷоти маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ)

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ): манбаъҳои ташаккулёбӣ, асоси ҳуқуқӣ, фарқият аз маблағҳои буҷетӣ.
- Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки истифодаи маблағҳои ғайрибуҷетиро танзим мекунанд.
- Моддаҳои асосии хароҷот: пардохти музди меҳнат, таъминоти моддӣ-техникӣ, хизматрасониҳо, сафари хизматӣ ва ғайра.
- Маҳдудиятҳо ва хатарҳо: маблағҳои ғайрибуҷетиро дар кадом сурат истифода бурдан мумкин нест, хатогиҳои маъмулӣ.
- Вобастагии байни қисми даромад ва хароҷоти нақша: чӣ гуна тавозунро таъмин кардан мумкин аст.

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлили манбаъҳои даромад ва пешгӯии ҳаҷми маблағҳои ғайрибуҷетиро анҷом диҳед.
- Тартиб додани нақшаи хароҷот бо назардошти афзалиятҳои муассиса ва талаботи меъёриро амалӣ намоед.
- Самаранокии истифодаи маблағҳоро арзёбӣ карда, дар ҳолати зарурӣ нақшаро ислоҳ намоед.
- Воситаҳои назорат ва ҳисоботдиҳӣ оид ба маблағҳои ғайрибуҷетиро истифода баред.

**Саволҳои калидӣ барои муҳокима:**

- Кадом манбаъҳои маблағҳои ғайрибуҷетӣ барои муассисаи шумо муҳимманд?
- Чӣ гуна шаффофият ва асоснокии банақшагириро таъмин кардан мумкин аст?
- Кадом хатарҳо ҳангоми банақшагирӣ ва истифодаи маблағҳои ғайрибуҷетӣ пайдо мешаванд?
- Кадом асбобҳои назорат ва таҳлилро истифода мебаред ё метавонед истифода баред?
- Чӣ гуна коллективро ба муҳокимаи афзалиятҳои хароҷоти маблағҳо ҷалб кардан мумкин аст?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Таҳлили манбаъҳои даромади ғайрибуҷетӣ ва банақшагирии хароҷотро анҷом диҳед.
2. Сметаҳои шаффоф ва тақсимоти самараноки захираҳоро тартиб дода, амалӣ намоед.
3. Маҳорати ҷалби маблағҳои иловагӣ ва таъмини маблағгузории дарозмуддатро рушд диҳед.
4. Мониторинги хароҷот ва ҳамкорӣ бо кумитаҳои волидайнро ба роҳ монед.

# Муқаддима

Дар шароити муосир муассисаҳои таълимӣ бештар бо зарурати идоракунии самараноки на танҳо маблағҳои буҷетӣ, балки маблағҳои ғайрибуҷетӣ низ рӯ ба рӯ мешаванд. Маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ) манбаи муҳими молиявӣ мебошанд, ки аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, иҷора, хайрияҳои ихтиёрӣ ва дигар манбаъҳо ташаккул меёбад. Нақшакашии дурусти онҳо на танҳо устувории муассисаро таъмин мекунад, балки барои рушди заминаи моддӣ-техникӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои нав ва баланд бардоштани сифати раванди таълим мусоидат менамояд.

Аммо, идоракунии маблағҳои ғайрибуҷетӣ масъулияти махсус, шаффофият ва равиши стратегиро талаб мекунад. Зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, манфиатҳои иштирокчиёни раванди таълим ва ҳадафҳои дарозмуддати муассиса ба назар гирифта шаванд. Нақшакашии хароҷот бояд асоснок, мутавозин ва ба дастёбӣ ба натиҷаҳои мушаххас равона карда шавад.

Омӯзиши мавзуъ имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои калидӣ дар соҳаи саводнокии молиявӣ, қарорҳои идоракунӣ, рушди стратегӣ ва татбиқи амалии механизмҳои маблағгузорӣ ташаккул дода шаванд. Ин махсусан барои роҳбарон ва мутахассисоне, ки барои фаъолияти молиявию иқтисодӣ дар соҳаи маориф масъуланд, муҳим аст.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ)** — маблағҳои пулӣ, ки аз манбаъҳое ворид мешаванд, ки ба буҷети давлатӣ ё маҳаллӣ вобаста нестанд. Ба инҳо даромад аз хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, иҷора, хайрияҳо, грантҳо ва ғайра дохил мешаванд.

**Нақшакашии хароҷот** — раванди муайян кардани самтҳо ва ҳаҷми истифодаи маблағҳо мутобиқи ҳадафҳои муассиса, талаботи меъёрӣ ва даромадҳои пешбинишуда.

**Сметаи хароҷот** — ҳуҷҷати молиявӣ, ки моддаҳо ва ҳаҷми хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетиро дар як давраи муайян инъикос мекунад.

**Истифодаи мақсадноки маблағҳо** — хароҷоти маблағҳои пулӣ танҳо мутобиқи таъиноти онҳо ва самтҳои тасдиқшуда, бе дуршавӣ аз ҳадафҳои муқарраршуда.

**Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ** — хизматрасониҳои иловагӣ, ки муассиса барои пардохт пешниҳод мекунад, ба ғайр аз барномаи асосии таълимӣ, масалан, маҳфилҳо, дарсҳои иловагӣ, курсҳои омодагӣ.

**Шаффофияти хароҷот** — ошкоро ва дастрас будани маълумот дар бораи нақшакашӣ ва истифодаи маблағҳо барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим (аз ҷумла волидайн ва кормандон).

**Самаранокии хароҷот** — дараҷаи ба даст овардани натиҷаҳои пешбинишуда бо хароҷоти минималӣ ва бо манфиати максималӣ барои муассиса.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Мафҳум ва манбаъҳои ташаккули маблағҳои ғайрибуҷетиро фаҳмида, фарқияти онҳоро аз маблағҳои буҷетӣ дарк кардан.
2. Бо назардошти ҳадафҳои муассиса, талаботи меъёрӣ ва даромадҳои пешбинишуда сметаи хароҷотро тартиб додан.
3. Мутобиқати мақсаднок ва самаранокии истифодаи маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва риояи принсипҳои шаффофият ва масъулиятро арзёбӣ карда тавонистан.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

1. **Чиро медонед...**
   **Савол:** Кадом манбаъҳои асосии маблағҳои ғайрибуҷетӣ барои муассисаи таълимӣ дастрасанд?

2. **Дуруст/нодуруст**
   **Изҳорот:** Маблағҳои ғайрибуҷетиро танҳо барои эҳтиёҷоти хоҷагии муқассиса истифода бурдан мумкин аст.
   ________________________________________________

3. **Мутобиқ кунед.**
   **Вазифа:** Намуди фаъолиятро бо намунаи амали он мутобиқ кунед:

| **Намуди фаъолият** | **Намунаи амал** |
|---|---|
| 1. Хизматрасониҳои пулакии таълимӣ | a) Фурӯши маҳсулоте, ки дар раванди таълим эҷод шудааст |
| 2. Фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ | b) Курси забонҳои хориҷӣ |
| 1 - __________, 2 - __________. | |

4. **Пур кардани ҷойҳои холӣ**
   Ҷойҳои холиро пур карда, калимаҳои дурустро ворид намоед: Маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаи таълимӣ метавонанд аз ______________________________, ______________________________ ва ______________________________ ворид шаванд.

5. **Интихоби ҷавоби дуруст**
   Кадом манбаи маблағгузорӣ ба маблағҳои ғайрибуҷетӣ тааллуқ дорад?
   a) Субсидияҳои давлатӣ
   b) Хайрияҳо ва кумакҳои хайриявӣ
   c) Имтиёзҳои андоз

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.6-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 7.6 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.6**

### *1. МАБЛАҒҲОИ МАХСУС (ҒАЙРИБУҶЕТӢ) ЧИСТ?*

Маблағҳои махсус (ғайрибуҷетӣ) — ин захираҳои иловагии молиявӣ мебошанд, ки муассисаи таълимӣ берун аз буҷети давлатӣ ба даст меорад. Ин маблағҳо метавонанд аз хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, хайрияҳо, грантҳо, кумакҳои сарпарастӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва дигар манбаъҳои қонунии маблағгузорӣ ворид шаванд. Истифодаи онҳо бояд ба рушди раванди таълим, беҳтар намудани заминаи моддӣ-техникӣ, пардохти музди меҳнати кормандон ва дигар эҳтиёҷоти муассиса бо риояи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ равона карда шавад,

*Асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии хизматрасониҳои пулакии иловагии таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 58), Низомномаи намунавӣ дар бораи муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016) ва фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон № 365 аз 25 апрели соли 2006 «Дар бораи рӯйхати хизматрасониҳои пулакии иловагии таълимӣ дар муассисаҳои давлатии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудаанд.*

**Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 58, бандҳои 7, 8) зикр шудааст:**

1. Дар муассисаҳои давлатии таълимӣ бо хоҳиши волидайн (ё намояндагони қонунии онҳо) хонандагон ва донишҷӯён метавонанд машғулиятҳои иловагии пулакии таълимӣ дар асоси шартнома ташкил карда шаванд.
2. Таълими иловагии пулакӣ, ки аз доираи нақшаи таълимӣ берун аст, аз рӯи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:
   - барномаҳо ва фанҳои таълимии алоҳида, ки дар стандартҳои давлатии таълимӣ пешбинӣ нашудаанд;
   - омӯзиши амиқи мавзуъҳои таълимӣ, агар чунин формати таълим дар муассисаи таълимӣ пешбинӣ нашуда бошад;
   - дигар намудҳои таълим, ки аз доираи стандартҳои давлатии таълимӣ берунанд.

### *2. САРЧАШМАҲОИ ДАРОМАДИ МАБЛАҒҲОИ МАХСУС (ҒАЙРИБУҶАВӢ)*

Маблағҳои иловагии молию пулӣ, аз ҷумла, маблағҳои асъорӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои зерин ба даст оварда мешаванд:

1) Даромадҳо аз фурӯши маҳсулот, иҷрои фаъолиятҳои хизматрасонии муассисаҳои таълимӣ – истеҳсолӣ.
2) Даромадҳо аз иҷрои корҳо ва фаъолиятҳои хизматрасоние, ки характери илмӣ ва илмӣ – методӣ доранд.
3) Аз фаъолияти истеҳсолӣ – тиҷоратӣ дар ҷараёни таълим ва дигар фаъолиятҳое, ки бо қонунгузории ҷумҳурӣ манъ нашуда, ба зарари фаъолияти асосии муассисаи таълимӣ набошад.
4) Аз хайрия ва эҳсонҳои инсондӯстона ва дигар маблағҳое, ки аз ташкилотҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида, аз ҷумла шахсони хориҷӣ ворид мешаванд.
5) Аз қарзҳои бонкҳо ва ташкилотҳои қарздеҳ.
6) Хизматрасонии иловагии пулакӣ ва фаъолияти дигаре, ки дар оинномаи муассиса сабт ёфтааст.

### *3. САРЧАШМАҲОИ ИЛОВАГИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МУАССИСА*

Ин асосан, маблағҳоеро ташкил медиҳад, ки аз тарафи волидайн (ё шахсони онҳоро ивазкунанда) ихтиёран барои таъмири синфхонаҳо, бино ва хариди таҷҳизоти зарурии таълим пардохта шуда, имконоти мактабҳо дар истифодаи моликият ба мақсади фаъолияти хусусӣ – корчалонӣ маҳдуд буда, онҳо танҳо ҳуқуқи идораи маъмурӣ ва корбурди хоҷагии моликияти давлатиро доранд.

### *4. НАМУДҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКӢ:*

- омӯзиши фанҳои махсус, ки берун аз барнома дар назар дошта шудааст;
- таъмир кардан ва фароҳам овардани маводҳои махсуси таълимӣ методӣ, таҳсилотномаҳои илмӣ, инчунин истифодаи барномаҳои пешқадами эксклюзивии ватанию хориҷӣ, таълими фардии хонандагони сустхон ва хонандагони дигар муассисаҳои таълимӣ;
- курсҳои тайёр намудани хонандагон барои дохил шудан ба макотиби олӣ ва миёнаи махсус;
- курсҳои таълими забонҳои хориҷӣ;
- курсҳои тайёр намудани кӯдакон ба муассисаи таълимӣ (ба синфи 1);
- гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи барномаҳои махсус барои таълими кӯдакони дар инкишоф нуқсондошта;
- ташкили гурӯҳҳои рӯзонаи бардавом;
- маҳфилҳои гуногун доир ба таълими навохтани асбобҳои мусиқӣ, суратгирӣ, дӯзандагӣ, расмкашӣ, наққошӣ, бофандагӣ, сурудхонӣ ва ғайра.
- машғулиятҳои фардӣ ва маслиҳатҳои психологӣ барои волидайн, машғулиятҳои тасҳеҳӣ барои кӯдакон, гузаронидани тренингҳо бо волидайн доир ба ҳолатҳои низоъ, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон;
- хизматрасонии мутахассисони махсус:
- логопед ва руҳшинос барои хонандагон ва волидайни онҳо;
- созмон додани студияҳо ва гурӯҳҳои гуногун барои кӯдакон доир ба таълими асосҳои тамаддуни ҷаҳонӣ, рассомӣ, наққошӣ, ҳунарҳои мардумӣ, яъне ҳама он чизе, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият равона карда шудаасту дар доираи Стандарти давлатии таҳсилот таълим дода намешавад.
- Саёҳатҳо, фаъолияти консертӣ
- Хизматрасонии интернетӣ, почтаҳои электронӣ, бозиҳои компютерӣ, таълими фосилавӣ.
- Саёҳат ба театр, кинотеатр.
- Сирк, осорхона, консертҳо, ташкили сексияҳои варзишӣ ва гурӯҳҳо доир ба мустаҳкам кардани саломатии кӯдакон (волейбол, баскетбол, шиноварӣ, теннис, варзиши сабук, аэробика), бозиҳои гуногун ва маҳфилҳо.

**Хизматрасониҳои пулакии иловагии таълимӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин ташкил карда мешаванд:**

1. Қарори маҷлиси волидайн (намояндагони қонунии хонандагон).
2. Қарори шурои педагогӣ (илмӣ)-и муассисаи таълимӣ.
3. Шартнома байни муассисаи таълимӣ ва волидайни хонанда (донишҷӯ).
4. Сметаи даромад ва хароҷоти муассисаи таълимӣ, ки хизматрасониҳои иловагиро амалӣ мекунад.
5. Ҳуҷҷатҳои расмӣ дар бораи кушодани ҳисоби махсуси муассиса дар хазинадорӣ (шуъбаи молияи шаҳр/ноҳия).

### *5. ТАРТИБИ БАНАҚШАГИРИИ МАБЛАҒҲОИ МАХСУС*

Агар даромади аз ин фаъолият гирифташуда пурра ба чараёни таълиму тарбия, такмили онҳо, аз он ҷумла барои пардохти музди меҳнат дар муассисаи мазкур харочот гардад, пас фаъолияти муассисаи мазкур тиҷоратӣ ҳисоб намешавад.

Сметаи даромаду харачоти маблағҳои ғайрибуҷавӣ ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби муассиса барои соли ҷорӣ тартиб дода шуда, аз рӯи тартиби муқарраркардаи маъмури асосии маблағҳои буҷҷаи давлатӣ тасдиқ мешавад.

Дар ин смета ҳаҷми даромади маблағҳои ғайрибуҷавӣ бо нишон додани сарчашмаҳои он ва самти истифодаи ин маблағҳо дар сохтори нишондиҳандаҳои таснифоти идорӣ ва буҷавӣ муайян карда мешаванд

Дар смета, инчунин нишон дода мешавад: амволи муассиса, рӯйхат ва ҳаҷми даромадҳо,нишондиҳандаҳои фаъолияти муассиса, асоснокии суммаи даромаду харачотҳо.

Ба таври ҳатмӣ ба смета ҳисобу китоби асосноккардаи масорифи ба нақша гирифташуда, ворид карда мешавад. Мактабҳо уҳдадоранд, ки воридоти даромадҳоро баҳисоби ягонаи хазинадорӣ таъмин намоянд.

### *6. «ФАНДРАЙЗИНГ» ЧИСТ?*

- Илм оид ба ҷалб ва афзоиши сарчашмаҳо ва воситаҳост.
- Дар мамлакатҳои Ғарб солҳои 80-уми асри 20 пайдо гашта, технологияҳои он то имрӯз ба пуррагӣ таҳия гаштааст.
- Тамоми чорабиниҳое, ки ба фандрайзинг бахшида мешаванд, бояд ҳаматарафа омода шаванд.

### *7. ШАФФОФИЯТ ДАР ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲО:*

- Истифодаи мақсадноки маблағҳои аз хайрия воридшуда, тибқи қарори кумитаи падару модарон дар асоси сметаҳои харочоте, ки муассисаи таълимӣ пешниҳод намудааст, сурат мегирад
- Кафили шаффофияти истифодаи маблағҳои буҷетии мактаб АВО (ассосиатсияи волидону омӯзгорон) ва кумитаи волидайн мебошад
- Ташкил намудани гӯша оид ба истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар ҳар муассиса.

Истифодаи мақсадноки маблағҳои ихтиёран воридгашта, бо қарори АВО дар асоси сметаи харачоти пешниҳоднамудаи муассисаи таълимӣ ба амал бароварда мешавад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Маблағҳои ғайрибуҷетӣ захираи муҳими рушди муассиса мебошанд.** Онҳо аз хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, хайрияҳо, грантҳо ва дигар манбаъҳои қонунӣ ташаккул меёбанд ва метавонанд барои беҳтарсозии муҳити таълимӣ, пардохти меҳнат ва татбиқи барномаҳои нав истифода шаванд.
2. **Нақшакашии хароҷот бояд асоснок ва мутавозин бошад.** Ҳангоми таҳияи смета муҳим аст, ки манбаъҳои даромад, афзалиятҳои муассиса ва талаботи меъёрӣ ба назар гирифта шаванд, то истифодаи маблағҳо ба натиҷаҳои мушаххас оварда расонад.
3. **Шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ шарти ҳатмии истифодаи самараноки маблағҳо мебошанд.** Ҳар як сомонӣ бояд бо ҳуҷҷат тасдиқ шуда, барои иштирокчиёни раванди таълим (аз ҷумла волидайн ва кормандон) дастрас ва фаҳмо бошад.
4. **Назорат ва таҳлил воситаи асосии пешгирии хатарҳо ва беҳсозии идоракунӣ мебошанд.** Механизмҳои дохилии назорат, иштироки кумитаҳои волидайн ва мониторинги мунтазам ба самаранокии истифодаи маблағҳо мусоидат мекунанд.
5. **Фикррониӣ дарозмуддат ва ҷалби манбаъҳои нав калиди устувории молиявӣ мебошад.** Фандрайзинг, шарикӣ бо ҷомеа ва истифодаи имкониятҳои грантӣ метавонанд имкониятҳои муассисаро васеъ намоянд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**Саволҳои рефлексивӣ барои дарки идеяҳои асосӣ**

1. Чӣ тавр шаффофияти хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетиро таъмин кардан мумкин аст ва кадом механизмҳои назорат барои ин муҳиманд?
2. Кадом манбаъҳои даромади ғайрибуҷетӣ барои муассисаи таълимӣ самараноктар мебошанд ва чӣ тавр онҳоро васеъ кардан мумкин аст?
3. Чӣ тавр маблағҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд ба рушди устувори муассисаи таълимӣ дар дарозмуддат мусоидат кунанд?
4. Оё аз иҷораи бино, таҷҳизоти муассиса маблағи иловагиро ба даст овардан мумкин аст?

**Хулосаҳои амалӣ**

1. **Шаффофияти молиявӣ** – риояи ҳисоботдиҳии дақиқ ва назорати хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетӣ муҳим аст, то истифодаи мақсадноки онҳо таъмин карда шавад.
2. **Сарчашмаҳои даромад** – хизматрасониҳои пулакии таълимӣ, грантҳо, хайрияҳо ва фаъолияти истеҳсолӣ метавонанд имкониятҳои молиявии муассисаро ба таври назаррас васеъ кунанд.
3. **Тақсимоти афзалиятноки захираҳо** – буҷет бояд эҳтиёҷоти муассисаро ба назар гирад: музди меҳнати омӯзгорон, хариди маводи таълимӣ, таъмир ва рушди муҳити таълимӣ.
4. **Нақшакашии стратегӣ** – равишҳои дарозмуддат ба идоракунии молия, аз ҷумла фандрайзинг ва шарикии иҷтимоӣ, устуворӣ ва рушди муассисаи таълимиро таъмин мекунанд.

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**II. Худбаҳодиҳӣ**

1. **Шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ**
   - Оё манбаъҳо ва хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетӣ пурра ҳуҷҷатгузорӣ мешаванд?
   - Оё механизмҳои назорат аз ҷониби кумитаи волидайн ё маъмурият мавҷуданд?
2. **Нақшакашии стратегӣ**
   - Кадом манбаъҳои нави маблаггузории ғайрибуҷетиро ҷалб кардан мумкин аст?
   - То чӣ андоза нақшакашии дарозмуддат ба рушди устувори муассисаи таълимӣ имкон медиҳад?
3. **Таъсир ба раванди таълим**
   - Чӣ тавр хароҷоти маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат мекунад?
   - Оё хонандагон ва омӯзгорон аз шароите, ки бо ин маблағҳо фароҳам оварда шудаанд, қаноатманданд?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Нақшаи буҷетро таҳия кунед.** Ҳуҷҷати муфассалеро тартиб диҳед, ки манбаъҳои даромади ғайрибуҷетӣ ва тақсимоти мақсадноки маблағҳоро дар бар гирад.
2. **Назорат ва ҳисоботдиҳиро тақвият диҳед**. Аудит ва таҳлили мунтазами истифодаи захираҳои ғайрибуҷетиро ташкил кунед, то шаффофияти равандҳо таъмин карда шавад.
3. **Манбаъҳои нави маблағгузориро ҷалб кунед. И**мкониятҳои грантҳо, шарикӣ ва фандрайзингро барои васеъ кардани имкониятҳои молиявии муассиса омӯзед.
4. **Хароҷотро оптимизатсия кунед.** Самаранокии хароҷоти ҷорӣ, соҳаҳои тақсимоти маблағҳо ва баланд бардоштани фоидаовариро арзёбӣ кунед.

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 7.5**

**1. Кадом таъриф ба мафҳуми «маблағҳои ғайрибуҷетӣ» мувофиқат мекунад?**

A. Маблағҳое, ки ба муассиса аз буҷети давлатӣ будҷети давлатӣ ҷудо карда мешаванд.

B. Захираҳои молиявӣ, ки аз хизматрасониҳои пулакӣ, хайрияҳо, грантҳо ва дигар фаъолиятҳо  ба даст оварда мешаванд..

C. Маблағҳои пулӣ, ки аз ҷониби мақомоти худидоракунии пешниҳод карда мешаванд.

**2. Хатогиро пайдо кунед.** Кадом изҳорот нодуруст аст?

A. Маблағҳои ғайрибуҷетӣ бояд мутобиқи сметаи тасдиқшуда истифода шаванд.

B. Маблағҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд бе назорат ва ҳисоботдиҳӣ сарф шаванд.

C. Даромадҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд аз фаъолияти истеҳсолии муассисаи таълимӣ ворид шаванд.

**3. Таърифро пурра кунед**

**Нақшакашии хароҷоти маблағҳои махсус иборат аст аз:**

A. Танҳо тартиб додани сметаи хароҷот.

B. Таҳлили манбаъҳои даромад, тартиб додани смета ва назорати истифодаи маблағҳо.

C. Танҳо тақсимоти маблағҳо барои музди меҳнат.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Таҳияи сметаи даромад ва хароҷоти курси пулакӣ барои хонандагонро аз худ кардан.
2. Омода карда тавонистани ҳуҷҷатҳои расмии ташкил ва фаъолияти таълими иловагии пулакӣ дар муассиса.

**Машғулияти амалии 1**

Бо дархости волидайн маъмурияти муассиса ташкили дарсҳои иловагии пулакиро бо ташкили гурӯҳи № 1 самти аввал, гурӯҳи № 2 самти дуюм ва гурӯҳи 3 самти сеюм ба нақша мегирад.

1. **Самти математикӣ** -2 гурӯҳ (ҳар гурӯҳ аз 20 нафар иборат аст).
2. **Самти гуманитарӣ** – 2 гурӯҳ (ҳар гурӯҳ аз 20 нафар иборат аст).
3. **Самти эстетикӣ** (зебоипарастӣ) – 2 гурӯҳ (ҳар гурӯҳ аз 20 нафар иборат аст).

Арзиши онҳоро ҳисоб кунед. Ҷадвали ҳисобро тистифода баред.

**Намунаи арзиши таълими иловагии пулакӣ**
**барои як синф бо дарназардошти 2 соат дар як ҳафта**

«Тасдиқ мекунам»:
Директори муассисаи
таҳсилоти миёнаи умумии №__
____________ ________________.
«_____» ____________ 2025 сол

**Калкулатсияи**
арзиши таълими иловагии пулакӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами _______, ноҳияи ___________ барои солҳои таҳсили 2020 – 2021

| | Номгуи хароҷот | воҳиди ченак | | Маблағ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| | **Миқдори дарсҳои иловагӣ ба як хонанда**<br>Миқдори дарсҳои иловагӣ бо назардошти хонандагон | **Шумораи хонанда** | Миқдори соат дар як ҳафта | |
| | Шумораи хонандагон | 20 | | |
| | Миқдори гурӯҳҳо | 2 | | |
| | Миқдори хонандагон дар як гурӯҳ | 20 | | |
| | Музди маоши омӯзгор | | | |
| | ФҲИА | | | |
| | Музди маоши кормандони маъмурӣ | | | |
| | ФҲИА | | | |
| | **Ҷамъ:** | | | |
| | Таъмири синфхонаҳо | | | |
| 11 | Хароҷоти қувваи барқ | | | |
| 12 | Маводи конселярӣ ва дарсӣ | | | |
| 13 | Хизматрасонии обу ташноб | | | |
| 14 | Таъмири мебел ва таҷҳизотҳо | | | |
| 15 | Сафари хизматӣ | | | |
| 16 | Маводҳои хоҷагидорӣ | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Ҷамъ:** | | | |
| 17 | Молу хизматҳо ва дигар моддаҳои дохилнабуда | | | |
| | **Ҷамъ:** | | | |
| 19 | Ҳиссаҷудокунӣ ба буҷа | | | |
| | **Ҳамагӣ:** | | | |
| | Арзиши аслии дарсҳои иловагӣ | 1 | соат | |
| | | 1нафар | **моҳ** | |

1. Муҳосиб: _____________ __________________
2. Раиси АВО: _____________ ____________________

**Машғулияти амалии 2. Шиносоӣ бо намунаи ҳуҷҷатҳои ташкили таълими иловагии пулакӣ (замима мегарданд).**

4. **Намунаи ҳуҷҷатҳо**

1. Низомнома дар бораи хизмати таълими иловагии пулакӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.
2. Шартнома дар бораи хизмати таълими иловагии пулакии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.
3. Фармоиши директори муассиса дар бораи ташкили таълими иловагии пулакӣ.
4. Намунаи мактуби Хадамоти зидди инхисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ.
5. Намунаи арзиши таълими иловагии пулакӣ барои як синф бо дарназардошти 2 соат дар як ҳафта.
6. Намунаи ҳисоби арзиши таълими иловагии пулакии муассиса барои як сол
7. Сметаи даромад ва хароҷот барои хизматрасониҳои таълими иловагии пулакии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.
8. Рӯйхати тарификатсионии кормандони педагогӣ.

***Замимаи 1.***

***ҲИСОБИ СМЕТАИ ХАРОҶОТИ КУРСҲОИ ТАЪЛИМИИ ПУЛАКӢ***

***Пардохти намунавии музди меҳнат:***

Маоши вазифавӣ ба 1 воҳиди кори омӯзгори категорияи олӣ аз ҳисоби 30 соат дар ҳафта, бо назардошти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷӣ ва мураттаб сохтани барномаву методикаи нави таълим 119,40 сомониро ташкил мекунад.

Музди меҳнати маъмуриву хоҷагӣ аз рӯи ҳисоби ба 1 синф овардашуда =17,80 сомонӣ.

Ҳамагӣ аз рӯи рамзи 1.1.1.=137,2 сомонӣ, рамзи 1.2.1. маблағи ҷудошуда ба ФСЗН (25%)=137,2х25%=34,3 сомонӣ. Ҳамагӣ: 137,2+34,3=171,5 сомонӣ.

**Хароҷоти қувваи барқ**

а) Барои равшан кардани як синфхона 42,5 м$^2$ аз рӯйи меъёр 16 ламп ЛБ-4 бо иқтидори 40 Ватт ҳар кадоме лозим аст.

Агар нархи 1 Квт /соат – 1,7 дирам бошад, хароҷоти якмоҳа баробар аст:

16 ламп х 40 Ватт х 6 соат х 22 рӯз=84,5 Квт/соат.

**б).** Агар барои гарм кардани синфхона печкаи барқии 2,5 квт/соат истифода шавад, пас хароҷот баробар аст ба:

2,5 Квт/соат х 6 соат х 22 рӯз= 330 Квт/соат

Дар умум хароҷоти моддаи 2.2.1= 1,7 дирам х (84,5 Квт/соат + 330 Квт/соат)= 7,5 сомонӣ.

**Хароҷоти об**

**а)** Барои бо об таъмин намудани 1 синфхона аз қубури об, ки диаметраш ба 15 мм баробар бо иқтидори 1,3 $м^3$ об дар як соат истифода шудааст: агар нарх 0,087 сомонӣ ба $м^3$ баробар бошад, пас, 0,087 сомонӣ x 1,3 $м^3$ x 6 соат x 22 рӯз=14,9 сомониро ташкил медиҳад

**б)** Хароҷоти моҳонаи коммуналӣ (канализация) дар ҳолати ба 0,052 сомонӣ ба $м^3$ об баробар будан: о,052 сомонӣ x 1,3 $м^3$ x 6 соат x 22 рӯз=8,9 сомонӣ аст

Хароҷоти умумӣ ба моддаи 2.2.5= 14,9 + 8,9 = 23,8 сомонӣ.

**Ҳисоби фарсоиш аз арзиши мебел ва таҷҳизоти як синфхона**

- Агар арзиши як комплект мебел ва таҷҳизот ба – 7517, 00 сомонӣ баробар бошад, пас:
- Хароҷоти фарсоиши моҳона чунин мешавад:
- 7517,00 сомонӣ x 10% / 12 моҳ=62,64 сомонӣ

**Харидории воситаҳои айёнӣ ва адабиёти таълимӣ-методӣ**

- Хароҷоти моҳона барои харидории воситаҳои айёнӣ ва адабиёти таълимию методӣ 20,00 сомонӣ муайян карда шудааст.

**Рамзи 2215. Хароҷот барои таъмири ҷории биноҳо**

Аз рӯи меъёрҳои миёнаи соҳа ва дар асоси таҷрибаи ҳосилшуда хараҷоти ҳармоҳа барои таъмири ҷории биноҳо30,00 сомониро ташкил мекунад.

**Рамзи 2214.. Хараҷот барои такмили ихтисоси омӯзгорон**

Хараҷоти ҳармоҳа барои баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар ҳудуди 2% аз фонди умумии музди меҳнати омӯзгор муайян карда мешавад: (137,2х2)100=2,74 сомонӣ.

**Хараҷоти хоҷагӣ ва асбобу анҷом**

Хараҷот барои рӯбучин ва нигоҳдории биноҳо, хараҷоти ҳармоҳа барои хариди асбобу анҷоми хоҷагӣ ва воситаҳои шустушӯ бо назардошти соли гузашта 15,00 сомонӣ муайян карда шудааст.

Ҳамагӣ хараҷоти умумӣ 1 моҳ барои таълими 25 хонанда 333,53 сомониро ташкил мекунад. Рамзи
1.1.1. (171,5)+Рамзи 2.4.1. (0,35 сомонӣ)+ рамзи
2.2.1. (7,5 сомонӣ)+Рамзи 2.2.1. (7,5 сомонӣ)+ Рамзи
2.2.5. (23,8 сомонӣ)+Рамзи 5.2.1.(62,64 сомонӣ)+
Рамзи 2.1.1.(20 сомонӣ)+Рамзи 2.3.1.(30,00
сомонӣ)+Рамзи 2.1.11(10,00 сомонӣ)+Рамзи
2.1.2.(15 сомонӣ)

Хараҷот барои 1 хонанда барои 1 моҳ ташкил медиҳад:
333,53 сомонӣ: 25 хонанда =13,34 сомонӣ.

# МАВЗУИ 7

## Банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муассисавӣ барои рушди муҳит, фарҳанг ва ҳамкории муассиса

**Чиро донистан муҳим аст?**

- **Мафҳуми лоиҳаи умумимуассисавӣ ҳамчун** ташаббуси дастаҷамъонаи тамоми ҷомеаи муассиса (хонандагон, омӯзгорон, волидайн)
- **Мавзуи лоиҳаҳо м**етавонад экология, фарҳанг, фарогирӣ, саводи рақамӣ, тандурустӣ, инфрасохтори муассиса, волонтёрӣ ва ғайраро дар бар гирад.
- Хонандагони синну соли гуногун, омӯзгорон, волидайн, маъмурият, шарикони беруна (ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти маҳаллӣ, соҳибкорон) ҳамчун иштирокчиён.
- Захираҳои инсонӣ (вақт, дониш, ташаббус), моддӣ (синфхонаҳо, таҷҳизот), ва молиявӣ (аз ҷумла маблағҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо, кумаки сарпарастон) ҳамчун захираҳо.
- **Марҳилаҳои татбиқ:** Ибтикор → Нақшакашӣ → Тақсими вазифаҳо → Амалисозӣ → Арзёбии натиҷаҳо → Рефлексия.

**Чиро бояд тавонем**?

- Тасвияти ҳадаф ва вазифаҳои лоиҳа бо дарназардошти ниёзҳои муассиса.
- Муайян кардани иштирокчиён ва тақсими нақшҳо дар гурӯҳ.
- Тартиб додани нақшаи амал, буҷет ва тақвими иҷро.
- Ҷалби захираҳо (дохилӣ ва беруна), аз ҷумла шарикон ва сарпарастон.
- Ташкили ҳамкорӣ байни иштирокчиёни лоиҳа.
- Арзёбии самаранокии лоиҳа ва пешниҳоди натиҷаҳо (гузориш, рӯнамо, намоиш ва ғайра)
- Таъмини устуворӣ ва идомаи лоиҳа пас аз анҷом

**Саволҳои калидӣ барои муҳокима:**

- Кадом мушкилот ё ниёзҳоро дар муассисаи шумо метавон бо лоиҳа ҳал кард?
- Кӣ метавонад иштирокчии фаъоли лоиҳа бошад ва чӣ гуна онҳоро ҷалб кардан мумкин аст?
- Кадом захираҳо аллакай дар муассиса мавҷуданд ва кадомашонро бояд аз берун ҷалб кард?
- Чӣ гуна метавон иштироки баробарро барои ҳамаи гурӯҳҳо (хонандагон, волидайн, омӯзгорон) таъмин кард?
- Кадом шаклҳои арзёбии натиҷаҳои лоиҳа самараноктаранд?
- Чӣ гуна метавон лоиҳаро устувор ва дарозмуддату муфид гардонд?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Моҳият ва ҳадафҳои лоиҳаи умумимуассисавӣ, инчунин аҳамияти он барои рушди муҳити ва фарҳанги муассисаро фаҳмед.
2. Муайян кардани иштирокчиёни лоиҳа ва тақсими нақшҳоро бо мақсади таъмин намудани кори дастаҷамъона ва ҷалби фаъолонаи ҳамаи аъзоён тавонед.
3. Нақшакашии марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, аз ҷумла муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, муҳлатҳо ва захираҳои зарури амалӣ карда тавонед.
4. Захираҳои мавҷуда ва ҷалби дастгирии берунаро (шарикон, сарпарастон, волидайн) арзёбӣ карда тавонед.

## Муқаддима

Дар фазои муосири таълимӣ, мактаб на танҳо ҷойи интиқоли дониш, балки муҳити зиндаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар он арзишҳо, муносибатҳо ва ташаббусҳо ташаккул меёбанд. Яке аз воситаҳои самараноки рушди муҳити муассиса, таҳкими фарҳанги ҳамкорӣ ва ҷалби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим лоиҳаи умумимуассисавӣ ба ҳисоб меравад.

Лоиҳаҳои умумимуассисавӣ имконият медиҳанд, ки кӯшишҳои хонандагон, омӯзгорон, волидайн ва шарикон барои ҳалли масъалаҳои муҳими муассиса муттаҳид карда шаванд: аз ободонии ҳудуди муассиса то баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ё татбиқи ташаббусҳои экологӣ. Чунин лоиҳаҳо дар иштирокчиён ҳисси масъулият, малакаи кори дастаҷамъона, тафаккури лоиҳавӣ ва фаъолиятҳои шаҳрвандиро инкишоф медиҳанд.

Барои он ки лоиҳа муваффақ гардад, муҳим аст на танҳо интихоби мавзуи саривақтӣ, балки банақшагирии дурусти татбиқи он, балки ҳадафҳо, иштирокчиён, захираҳо, марҳилаҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда муайян карда шаванд. Ин мавзуъ ба шумо кумак мекунад, то бифаҳмед, ки чӣ гуна метавон лоиҳаҳое эҷод ва амалӣ кард, ки воқеан зиндагии муассисаро ба самти беҳтар тағйир медиҳанд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Лоиҳаи умумимуассисавӣ** — ин ташаббуси муштарак мебошад, ки дар он ҳамаи намояндагони ҷомеаи мактабӣ иштирок мекунанд: хонандагон, омӯзгорон, волидайн ва маъмурият. Ҳадафи лоиҳа ҳалли масъалаи муҳими рӯз ё рушди муҳити муассиса, фарҳанг ва ҳамкорӣ мебошад.

**Мавзуи лоиҳа** — ин самте мебошад, ки лоиҳа дар доираи он амалӣ мегардад. Мавзуъҳо метавонанд гуногун бошанд: экология, фарҳанг, тандурустӣ, саводи рақамӣ, фарогирӣ (инклюзия), рушди инфрасохтори муассиса ва дигар самтҳо.

**Иштирокчиёни лоиҳа** -тамоми ҷонибҳои ҷалбшуда мебошанд, аз ҷумла хонандагон, омӯзгорон, волидайн, маъмурияти муассиса, инчунин шарикони беруна, ба мисли мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё намояндагони соҳаи тиҷорат.

**Захираҳои лоиҳа -** ҳама чизест, ки барои татбиқи он зарур аст: захираҳои инсонӣ (вақт, дониш, малакаҳо), моддӣ (таҷҳизот, синфхонаҳо), молиявӣ (манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо, кумаки сарпарастӣ).

**Нақшакашии лоиҳа** — ин равандест, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо, марҳилаҳо, мӯҳлатҳо, буҷет ва натиҷаҳои интизоршаванда муайян карда мешаванд. Нақшаи дуруст — асоси татбиқи муваффақи лоиҳа мебошад.

**Амалисозии лоиҳа** — иҷрои амалии тамоми чорабиниҳои банақшагирифта бо иштироки ҳамаи ҷонибҳо, тақсими нақшҳо ва назорати ҷараёни иҷро мебошад.

**Муҳити муассисавӣ** — на танҳо фазои ҷисмонӣ (бино, синфхонаҳо, ҳудуд), балки ҳамчунин муҳити равонӣ ва иҷтимоиест, ки дар он таълим, тарбия ва ҳамкории байни иштирокчиён сурат мегирад.

**Фарҳанги ҳамкорӣ** — маҷмӯи меъёрҳо, арзишҳо ва шаклҳои муошират мебошад, ки ба эҳтиром, ҳамкорӣ, кумак ва иштироки фаъолонаи ҳамаи аъзои ҷомеаи мактабӣ мусоидат мекунад.



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. «Шумо дар бораи лоиҳаҳои муассисавӣ чӣ медонед?»**
**2. «Дуруст / Нодуруст»:**

| Изҳорот | Дуруст / Нодуруст |
|---|---|
| Лоиҳаҳои **умумимуассисавӣ** танҳо ба беҳтар кардани раванди таълим равона шудаанд. | |
| Таҳлили SWOT имкон медиҳад, ки қувва ва заъфҳои муҳити таълимӣ арзёбӣ шаванд. | |
| Барои татбиқи муваффақи лоиҳа танҳо ҷалби маъмурияти муассиса кофист. | |

**3. Мафҳумҳоро мутобиқ намоед**

| № | Мафҳум | Мутобиқсозӣ |
|---|---|---|
| **1** | **SWOT-таҳлил** | **b) Диагностикаи ниёзҳо** |
| **2** | **SMART-ҳадафҳо** | **c) Муайянсозии вазифаҳо** |
| **3** | **Мониторинг** | **a) Арзёбии иҷрои лоиҳа** |

**Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**

1. Кадом лоиҳаҳои калонро шумо дар таҷрибаи худ амалӣ кардаед? Онҳо кадом масъалаҳоро ҳал мекарданд?
2. Бо кадом мушкилот ё душвориҳои асосӣ шумо ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо рӯ ба рӯ шудед? Кадом стратегияҳо ба шумо дар бартараф кардани онҳо кумак карданд?
3. Кадом захираҳо (моддӣ, инсонӣ, иттилоотӣ) барои татбиқи муваффақи лоиҳаҳо муҳимтар буданд.



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 7.7-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 7.2 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 7.2**

### *1. ЛОИҲАҲОИ УМУМИМУАССИСАВӢ*
### *АЛОҚАМАНДИИИ ЛОИҲА БА НАҚШАИ ТАРАҚҚИЁТИ МУАССИСА (НРМ)*

Лоиҳаи муасссисавӣ ва грантӣ бо назардошт ва алоқамандӣ бо ҳамаи он масъалаҳои муҳиме, ки дар нақшаи тараккиёти муассиса пешниҳод шуданд, омода карда шуда, мақсади асосӣ ба рафъсозии норасоиҳо ва мушкилиҳои ҳалталабе, ки имрӯз муассисаи таълимӣ дорад, равона карда шавад.

Лоиҳаи пешниҳодшаванда бояд ба такмилдиҳии чараёни таълиму тарбия таҳия шуда, ба ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи муассиса аз қабили:

- беҳтар гардидани ҳолати санитарию гигиении муассиса;
- афзудани давомоти хонандагон, махсусан духтарон ба дарсҳо;
- бештару беҳтар гардидани таваҷҷӯҳ ва муносибати волидайн ба муассиса;
- боз доштани аз кор рафтан ё тарки муассиса кардани омӯзгорон;
- мусоидат намудан ба ҷалби хонандагони имконияташон маҳдуд;
- ташкили муҳити иттилоотию комуникатсионӣ (рақамӣ) равона карда шавад.

## *МАВЗУЪҲОИ ЛОИҲАҲОИ УМУМИМУАССИСАВӢ*

***Кори фардӣ, ду ва сенафара. Тартиб доданит мавзуъҳои намунавии лоиҳаҳои умумимактабӣ***

| Самт | Мавзуъҳои лоиҳаҳо |
|---|---|
| Рушди муҳити муассиса ва инфрасохтор | **Намуна:** Муассисаи дастрас: пандусҳо, нишондиҳандаҳои тактилӣ, ороиши муассиса (ороиши дохилӣ, стендҳо) |
| Экология ва рушди устувор | |
| Фаъолияти иҷтимоӣ ва ризокорӣ | |
| Фарҳанг, санъат ва анъанаҳо | |
| Илм, технология ва навоварӣ | |
| Психология, саломатӣ | |
| Маориф ва рушди маҳоратҳо | |

## *НАМУНАҲОИ ЛОИҲАҲОИ МУВАФФАҚИ УМУМИМУАССИСАВӢ*

| № | Номи лоиҳа | Мавзӯъ | Иштирокчиён | Натиҷаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ташаббуси экологӣ «Мактаби сабз» | | | |
| 2 | Лоиҳаи фарҳангӣ «Таърихи шаҳри ман» | | | |
| 3 | Лоиҳаи иҷтимоӣ «Кӯмак ба пиронсолон» | | | |
| 4 | Лоиҳаи илмӣ «Энергияи оянда» | | | |

## ЛОИҲАҲОИ МУАССИСАВӢ БАРОИ РУШДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

| Лоиҳаи муассисавӣ | Лоиҳаи грантӣ |
|---|---|
| Мактаби фазои нав | Фазои рушд: тағйири муҳити мактабӣ |
| Синфи оянда | Мактаби бароҳат — хонандаи бовариннок |
| Омӯзиш берун аз деворҳо | Меъмории эътимод: мактаб ҳамчун фазои бехатар |
| Нуқтаи рушд | Омӯзиш дар ҳаракат: минтақаҳои мобилии таълимӣ |
| Мактаби дастрас | Мактаб ҳамчун фазои сеюм |
| Мактаб бе асабоният | Фазои маънӣ: муҳити таълимӣ ҳамчун омили ангезиш |
| Танаффуси ором | Педагогикаи нав — фазои нав |
| Мактаби имкониятҳои баробар | Мактаби бе монеаҳо: муҳити фарогири таълимӣ |
| Ман ва мактаб: фазои эътимод | Муҳити экологӣ: рушди устувори муҳити мактаб |
| Овози хонанда | Мактаби рақамӣ — муҳити рақамӣ |
| Мактаби сабз | Маркази педагогӣ: муҳити рушди омӯзгор |
| Сифр партов | Утоқи омӯзгорон ҳамчун маркази рушди касбӣ |
| Синфи экологӣ | Мактаби амни равонӣ |
| Деворҳои сухангӯ | Муҳите, ки таълим медиҳад: ҳалли визуалӣ ва тактилӣ |
| Осорхонаи мактабӣ бо дасти худ | Мактаби чандир: муҳити тағйирёбанда барои шаклҳои гуногуни таълим |
| Фестивали фарҳангҳо | Мактаби муколамаи боз |
| Мактаби зеҳнӣ | Коргоҳи оянда: тарҳрезии муҳит бо кӯдакон |
| Навигатори рақамӣ | Тарроҳии таълимӣ: аз ғоя то татбиқ |
| Маркази медиа бо дасти худ | Мактаб ҳамчун маркази фарҳангии ҷомеа |
| Муҳите, ки таълим медиҳад | Муҳити имкониятҳои баробар: дастрасӣ, бароҳатӣ, иштирок |

**Мавзӯъҳои тахминии лоиаҳаҳои грантии муассисаи таълимӣ**

- Ҳалли масъалаи шабакаи гармидиҳии муассиса
- Ҳалли масъалаи шабакаи обтаъминкунӣ
- Сохтмон ва барқароркунии ҳоҷҷатхонаҳо
- Сохтмон ва барқароркунии партовгоҳҳо
- Барқароркунии шабаки корези муассиса
- Харидан ва шинондани трансформаторҳои камиқтидор
- Расонидани ёрии моддӣ ба кӯдакони ятим ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат
- Сохтмон, азнавсозӣ ва барқароркунии майдончаҳои варзишӣ
- Сохтмон, азнавсозӣ ва барқароркунии гирду атрофи муассиса
- Сохтмон, азнавсозӣ ва барқароркунии ошхона, китобхона, толори варзиш, толори маҷлисгоҳ ва устохона
- Таъмини синфҳои алоҳида (кабинетҳо ва лабораторияҳо бо таҷҳизоти зарурӣ)
- Ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷорат дар мактаб (боғдорӣ, занбӯри асал, обчакорӣ, чорводорӣ, паррандапарварӣ, дӯзандагӣ)
- Ташкили утоқҳои дӯзандагӣ, пазандагӣ ва бофандагӣ барои духтарон
- Таъмини асбобҳои мусиқӣ ва асбобҳо барои устохонаи муассиса
- Ташкили хӯроки яквақтаи гарм барои хонандагони синфҳои 1-4 аз оилаҳои камбизоат
- Ташкили оварду бурди хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва шароиташон вазнин
- Таъмини асбобҳои аёнӣ ва адабиёти методӣ

## *2. БАНАҚШАГИРИИ ЛОИҲА.*

**Кори амалӣ (30 дақиқа)**

**Интихоби масъала ҳалталаб дар гуруҳ. Тавсвияи проблема (масъалаи ҳалталаб)**

- Сарлавҳа (номаи муққадимавӣ). Ин варақа фаҳмо, кӯтоҳ, хуб ба тартиб оварда шуда бошад.
- Ташкилоти иҷрокунанда, суроға, рақами телефон, суратҳисоб ва номи ташкилоти дигаре, ки дар иҷрои он ҳамшарик аст. Дар худи ҳамин саҳифа бо сархати алоҳида **ташкилот – мурочиаткунанда** ва номи ташкилоти дигаре, ки дар иҷрои он ҳамшарик аст нишон дода мешавад, яъне ташкилоти ҷонибдор.
- Роҳбари лоиҳа - ному насаб, вазифа, суроға, телефон, рақами факс, суроғаи электронии он навишта мешавад
- Номи лоиҳа - бояд кӯтоҳ ва фаҳмо бошад
- Шаҳри мухтасар (мундариҷаи мухтасари дархост ё аннотатсия - тафсири аниқ ва кӯтоҳи дархост аст. Ҳаҷми тавсияшаванда: 1 абзас (3-10 хат дархости кӯтоҳ).
- Муқаддима (пешгуфтор) Асосан маълумот дар бораи арзкунандаро дар бар мегирад. Мақсаду вазифаҳои муассиса, давраи фаъолият, рушд, захираҳои молиявӣ, пешомадҳо, пешравиҳо дар маблағҳои грантии пештар ба даст оварда ва ғ.
- Пешниҳоди проблема, ки лоиҳа барои ҳалли он равона шудааст;
- Мақсади лоиҳа;
- Вазифаҳои лоиҳа;
- Усулҳо ва чорабиниҳое, ки ҳангоми баамалбарории лоиҳа иҷро мешаванд – нақшаи кори лоиҳа;
- Мониторинг ва баҳодиҳӣ;
- Буҷаи лоиҳа;
- Гузашта ва ояндаи маблағгузорӣ (устувории лоиҳа);
- Замимаҳо

**Намунаи лоиҳа пешниҳод карда мешавад.**

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Якпорчагии лоиҳа.** Лоиҳаи умумимуассисавӣ бояд ҷузъҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро муттаҳид намуда, муҳити ягонаи таълимиро ташаккул диҳад.
2. **Мавзуъҳои муҳим ва саривақтӣ**. Мавзуъҳо бояд эҳтиёҷоти воқеии муассиса ва ҷомеаро инъикос намоянд ва ба рушди муҳит, фарҳанг ва тафаккур мусоидат кунанд.
3. **Иштироки дастаҷамъона.** Муваффақияти лоиҳа аз ҳамкории хонандагон, омӯзгорон, волидайн ва ҷомеаи маҳаллӣ вобаста аст.
4. **Истифодаи оқилонаи захираҳо.** Банақшагирии самаранок ва тақсимоти дурусти захираҳо калиди татбиқи устувори лоиҳа мебошад.
5. **Банақшагирии дақиқ.** Лоиҳа бояд марҳила ба марҳила амалӣ гардад: таҳлил, ҳадафҳо, нақша, вазифаҳо, мониторинг ва ислоҳот.
6. **Рушди салоҳиятҳо.** Лоиҳаҳо ба ташаккули тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва кори дастаҷамъона мусоидат мекунанд.
7. **Устуворӣ ва дурнамо** Таҷрибаи лоиҳавӣ заминаи ташаккули ташаббусҳои оянда ва навсозии пайвастаи муҳити таълимиро фароҳам меорад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. **Ман чӣ чизи нав омӯхтам?** Кадом мафҳумҳо ва марҳилаҳои асосии лоиҳаи умумимуассисавӣ барои ман ҷолиб ва муҳим буданд?
2. **Мавзуи лоиҳа чӣ гуна муайян карда шуд?** Ман ҳангоми интихоби мавзуъ ба кадом меъёрҳо такя кардам, ва ин мавзуъ чӣ гуна бо эҳтиёҷоти муҳити таълимӣ мувофиқат мекунад?
3. **Киҳо иштирокчиёни калидии лоиҳа мебошанд?**
4. **Кадом захираҳо барои татбиқи лоиҳа муҳимтар мебошанд?** Чаро захираҳои моддӣ, молиявӣ, инсонӣ ва вақтӣ нақши ҳалкунанда дар муваффақияти ташаббус доранд?
5. **Нақшаи лоиҳа то чӣ андоза сохторманд аст?** Чӣ гуна марҳилаҳои банақшагирӣ, татбиқ ва мониторинг бо ҳамдигар ҳамкорӣ мекунанд ва барои расидан ба ҳадафҳо мусоидат менамоянд?

👉 *Шакли фаъолият: ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодӣ**

1. **Актуалӣ будани мавзуъ.** Мавзуи лоиҳа ба мушкилоти воқеии муҳити таълимӣ ҷавобгӯ буда, иштирокчиёнро ба фаъолона иштирок кардан ташвиқ мекунад.
2. **Фаъолияти иштирокчиён**. Ҳамкории хонандагон, омӯзгорон, волидайн ва ҷомеа таъсири лоиҳаро тақвият ва малакаҳои калидиро инкишоф медиҳад.
3. **Истифодаи оқилонаи захираҳо.** Лоиҳа ба банақшагирии равшани буҷа, вақт ва захираҳои инсонӣ асос ёфта, ҷалби дастгирии берунаро низ дар бар мегирад.
4. **Банақшагирии таркибӣ.** Лоиҳа марҳила ба марҳила аз таҳлил то арзёбӣ, бо мониторинги доимӣ ва ислоҳоти чандир амалӣ мешавад.
5. **Устувории тағйирот.** Лоиҳа заминаи беҳбудиҳои дарозмуддатро дар муҳити таълимӣ гузошта, рушди минбаъдаро ташвиқ мекунад.

👉 *шакли фаъолият: қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Тасдиқи ниҳоии нақша.** Гузаронидани маҷлиси умумӣ барои мувофиқаи ҳадафҳо, вазифаҳо, марҳилаҳо, мӯҳлатҳо ва тақсими нақшҳо.
2. **Таъмини захираҳо.** Инвентаризатсия, дақиқсозии буҷа, бастани ҳамкорӣ бо шарикон ва омодасозии логистика ва иртиботот.

3. **Оғози лоиҳа**. Ташкили чорабинии оғозӣ, ҳамроҳии иттилоотӣ ва оғози марҳилаи аввал тибқи ҷадвал.
4. **Алоқаи баръакс ва тағйирот.** Ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо, таҳлили натиҷаҳо, муайян кардани таҷрибаҳои муваффақ ва мутобиқсозии нақша ҳангоми зарурат.

👉 *Шакли фаъолият: қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 7.5**

**Супориши 1: Мафҳумҳоро бо тавсифҳояшон мутобиқ намоед**

| Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|
| A. Мавзуи лоиҳа | 1. Системаи воситаҳои моддӣ, молиявӣ, вақтӣ ва захираҳои инсонӣ, ки барои татбиқи муваффақонаи лоиҳа заруранд. |
| B. Иштирокчиёни лоиҳа | 2. Марҳилае, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳои татбиқ, тақсими нақшҳо ва мухлатҳо муайян шуда, заминаи амалҳои ояндаро мегузорад. |
| C. Захираҳои лоиҳа | 3. Самти асосӣ, ки муайян мекунад кадом масъала ва вазифаҳои муҳим дар доираи лоиҳа ҳал карда мешаванд. |
| D. Банақшагирии лоиҳа | 4. Гурӯҳи шахсоне, ки дар татбиқи лоиҳа иштирок мекунанд (хонандагон, омӯзгорон, волидайн, намояндагони ҷомеаи маҳаллӣ). |
| Ҷавоб: | **A --------, B – ----------, C – ---------3, D – -----------4** |

**Супориши 2: Хатогиро ёфта, ислоҳ кунед**

**Ибора:** «Лоиҳаи умумимуассисавӣ танҳо ба омодагӣ ва гузаронидани чорабиниҳо маҳдуд мешавад ва марҳилаи мониторинг ва арзёбии натиҷаҳоро дар бар намегирад. Ғайр аз ин, банақшагирии лоиҳа ҳамчун марҳилаи дуюмдараҷа ҳисобида мешавад, зеро онро метавон дар ҷараёни татбиқ анҷом дод»

**Шарҳи хато:**

1. ____________________________________________________________

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

Машғулияти амалии 1

Ҳар як гурӯҳ мавзуи лоиҳаи муассисавиро интихоб карда, бо такя ба мавзуи интихобшуда, аз ҷадвали зерин ҳамчун қолаби асосӣ истифода мебарад. Сипас барои ҳар як мавзуъ лоиҳа тартиб медиҳад:

1. **Номи лоиҳа.** Номи мушаххасеро муайян намоед, ки моҳияти ташаббусро инъикос мекунад.
2. **Муқаддима ва асосноккунӣ.** Шарҳи мухтасари лоиҳа ва зарурати он дар муҳити муассиса.
3. **Актуалӣ будани мавзуъ.** Тавсифи мушкилот ё эҳтиёҷоте, ки лоиҳа барои ҳалли он равона шудааст.
4. **Ҳадафи лоиҳа.** Самти умумӣ ва натиҷаи ниҳоие, ки ба он расидан дар назар аст.
5. **Чорабиниҳои мушаххас**. Меросҳои мушаххасеро муайян намоед, ки ба мавзуи гурӯҳ мувофиқанд.

6. **Иштирокчиёни лоиҳа.** Кӣ дар татбиқи лоиҳа иштирок мекунад (хонандагон, омӯзгорон, волидайн ва ғайра).
7. **Захираҳои лоиҳа:**
   1. Захираҳои моддӣ (масалан, таҷҳизот, маводҳо)
   2. Захираҳои инсонӣ (омӯзгорон, волонтёрон, мутахассисон)
8. **Марҳилаҳои татбиқи лоиҳа.** Қадам ба қадам: аз банақшагирӣ то анҷом ва арзёбӣ.
9. **Арзёбӣ ва инъикос.** Чӣ гуна натиҷаҳои лоиҳа арзёбӣ мешаванд ва иштирокчиён таҷрибаи худро таҳлил мекунанд.
10. **Ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо.** Гирифтани фикру пешниҳодҳо аз иштирокчиён барои беҳтарсозии минбаъда.
11. **Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Дар бораи тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф. (Мактуби дастурии вазоратҳои маориф, молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон « » 27.09. 2024).
2. Дастурамал оид ба маблағгузории сарикасии (меъёрии) муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Дастурамал оиди баҳисобгтирӣ ва ҳисоботдиҳии маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷети давлатӣ. (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. №16 аз 13 феврали исолии 2010.
4. Қонун «Дар бораи назорати молия дар ҶумхурииТоҷикистон».
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 2013).
7. Ҷадвали басти воҳидҳои кории ҳамаи намуди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми (мактаб-интернат, литсей, гимназия, литсеи Президентӣ. (Мактуби дастурии вазоратҳои маориф, молия, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «). 27.09. 2024).
8. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон», 2024-2025 №1,2,3,4. Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф https://takmili-ihtisos.tj
9. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир», 2024-2025 №1,2,3,4.
10. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор», 2025 №2,3,4,5
11. Менеҷменти молиявӣ. Модули омӯзишӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Мураттибон: Исмонов Ф., Қодиров Ш., Сангинов М., Хоҷаева С. – Душанбе. 2015.
12. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе; 2015.
13. Номгӯи хизмати иловагии таълими пулакӣ дар муассисаҳои таълимии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2006 № 365)
14. Постановление Правительства Рсспублики Таджикистан от 29 ноября 2023 года, №537 «Мерах по исполнению Закона Республики Таджикистан «О Государственном бюджете Республики Таджикистан на 2024 год». Приложение 2.